ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ 1931

АЗ ХИРМАНИ ИЛМ ХӮШАЧИН БОШ
саҳ. 9

ДУШАНБЕ – ШАҲРИ СУЛҲУ ВАҲДАТ
саҳ. 12

НАҚШИ ИСТИҚЛОЛ ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОН
саҳ. 13

ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ!

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

№04 (1094)
30 АПРЕЛИ СОЛИ 2026

# ОМӮЗГОРИ ҷавон

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2026 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД

**Рӯзи 20-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи васеъ оид ба ҷамъбасти фаъолияти донишгоҳ дар семоҳаи аввали соли 2026 ва вазифаҳо то охири сол баргузор гардид.**




Дар ҷаласа ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода, муовинони ректор, деканҳо ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо, роҳбарони бахшҳо ва дигар сохторҳо, инчунин омӯзгорон иштирок намуданд.

Ҷаласа бо садо додани Суруди миллӣ ва сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ оғоз гардида, сипас деканҳои факултетҳо, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ ва сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус вобаста ба фаъолияти самтҳои худ бо истифода аз рӯнамо ҳисобот пешниҳод намуданд.

Дар идома ректори донишгоҳ аз сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, таъкид намуд, ки баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони баландихтисос яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Инчунин қайд гардид, ки новобаста ба ба даст овардани як қатор натиҷаҳои назаррас дар ин давра, фаъолияти баъзе самтҳо ҳанӯз ҳам ҷавобгӯи талаботи замон нест. Бо дарназардошти ин, барои боз ҳам беҳтар намудани сифати таълим, тақвияти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва баланд бардоштани иқтидори кадрии донишгоҳ ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Ҳамзамон, бахри сазовор таҷлил намудани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар робита ба ин ҷашни муқаддас, ташкилу баргузории озмуну чорабиниҳои гуногуни илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, инчунин амалӣ намудани иқдомҳои созандаву бунёдӣ дар донишгоҳ ба нақша гирифта шуд.

НАТИҶАИ САФАР

ИФТИТОҲИ ГӮШАИ ҲИНДУСТОН ДАР ДОНИШГОҲ




2

ЧОРАБИНӢ

РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОДА ДАР ДОНИШГОҲ




4

ҶАЛАСА

ҶАЛАСАИ КОРӢ ҶИҲАТИ ДАР САТҲИ БАЛАНД ТАҶЛИЛ НАМУДАНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ



8

НАТИҶАИ САФАР

# ИФТИТОҲИ ГӮШАИ ҲИНДУСТОН ДАР ДОНИШГОҲ




***Рӯзи 1 апрели соли 2026 маросими ифтитоҳи расмии гӯшаи фарҳанг ва адабиёти Ҳиндустон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид. Чорабинии мазкур дар доираи ташрифи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Сибӣ Ҷорҷ ҷиҳати иштирок дар машваратҳои сиёсӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон баргузор шуд.***

Маросими ифтитоҳи рамзии гӯшаи мазкур дар Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, дар ҷараёни он ба Аҳлиддин Ибодуллозода ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз ҷониби муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Сибӣ Ҷорҷ маҷмӯи китобҳо тақдим карда шуд.

Гӯшаи фарҳанг ва адабиёти Ҳиндустон дар назди факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, ҳамчунин факултети забонҳои Осиё ва Аврупо мавриди истифода қарор гирифта, барои донишҷӯён ва омӯзгорон фазои мусоид фароҳам меорад.

Ин гӯша метавонад ҳамчун маркази захиравӣ хизмат карда, ба ташкили дарсҳои забонӣ ва рушди дониши донишҷӯёне, ки ба фарҳанги Ҳиндустон таваҷҷуҳ доранд, мусоидат намояд. Хоҳишмандон ба китобҳо, маҷаллаҳо ва маводи мултимедиявӣ дастрасӣ пайдо мекунанд, ки ҷанбаҳои гуногуни таърих, адабиёт, санъат ва фарҳанги Ҳиндустонро фаро мегиранд.

Ҳамзамон, ин ташаббус барои тақвияти таҳқиқоти илмӣ ва густариши ҳамкориҳои академӣ дар самтҳои сайёҳӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва забоншиносӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ёдовар мешавем, ки рӯзҳои 9–14 марти соли 2026 роҳбарият ва намояндагони Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷиҳати густариши ҳамкориҳои илмӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон сафари корӣ анҷом дода буданд.

ТАҚВИЯТИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ ДОНИШГОҲИ КЕМБРИҶ

**Рӯзи 22 апрели соли 2026, Аҳлиддин Ибодуллозода ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ директори таҳсилоти Коллеҷи Фитсвиллями Донишгоҳи Кембриҷ – доктор Маҳбод Ғаффорӣ ва ҳайати ҳамроҳонашонро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳоро мавриди баррасӣ қарор доданд. Пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба омӯзиш ва рушди забони форсӣ-тоҷикӣ дар муҳити байналмилалӣ равона гардида, масъалаҳои такмили сатҳи касбии омӯзгорон, баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими малакаҳои амалии донишҷӯён махсусан дар ихтисосҳои филологӣ ба таври ҷиддӣ муҳокима шуданд.

Бахши муҳими суҳбат ба имкониятҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба бахшида шуд. Аз ҷумла, ҷонибҳо роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқотӣ, табодули донишҷӯён ва устодон, инчунин ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат ва таҷрибаомӯзиҳоро баррасӣ намуданд.





Ҳамзамон, масъалаи ҷалби донишҷӯёни Донишгоҳи Кембриҷ барои иштирок дар барномаҳои таълимӣ ва илмии донишгоҳ матраҳ гардид. Зикр шуд, ки ин иқдом метавонад ба таҳкими робитаҳои академӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Дар фарҷоми мулоқот, ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкорӣ таъкид намуда, изҳори итминон карданд, ки натиҷаҳои ин вохӯрӣ дарояндаи наздик ба лоиҳаҳои мушаххас табдил хоҳанд ёфт.

Ёдовар мешавем, ки соли 2025 гурӯҳи кории ректорони муассисаҳои олии Тоҷикистон бо сафари корӣ ба Донишгоҳи Кембриҷ ташриф оварда буданд.

# БОЗДИД АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ



**Дар ҳошияи ташрифи корӣ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳайати намояндагони Донишгоҳи Кембриҷ аз Осорхонаи таърихии донишгоҳ дидан намуданд.**

Зимни боздид ба меҳмонон марҳилаҳои асосии таъсисёбӣ ва равандҳои рушди минбаъдаи донишгоҳ ба таври пайдарпай ва мураттаб муаррифӣ гардид. Ҳамзамон, оид ба дастовардҳои муҳими илмиву таълимӣ, фаъолияти густурдаи олимону устодони шинохта ва саҳми назарраси муассиса дар тарбияи мутахассисони соҳибихтисос иттилооти фарогир пешниҳод шуд.

Ҳайати меҳмонон инчунин бо нусхаҳои дастхатҳои нодир, аксҳои таърихӣ, осори илмӣ ва дигар нигораҳои арзишманди осорхона аз наздик ошно гардиданд, ки ҳар қадом бозгӯи як давраи муайяни таърихи донишгоҳ мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки Осорхонаи таърихии донишгоҳ ҳамчун як ганҷинаи муҳимми ҳифзи мероси илмиву фарҳангӣ, дар таҳкими худогоҳии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихиву маънавӣ ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ мавқеи назаррас дорад.

# ШИНОСОӢ АЗ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК

**Дар идомаи барномаи ташриф ҳайати намояндагони Донишгоҳи Кембриҷ аз факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ боздид анҷом доданд.**

Зимни шиносоӣ меҳмонон бо заминаи илмӣ, марҳилаҳои ташаккул ва самтҳои калидии фаъолияти факултет ошно гардида, оид ба натиҷаҳои илмӣ ва дастовардҳои омӯзгорону муҳаққиқон маълумоти муфассал дарёфт намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот бо ҳайати профессорону омӯзгорон гуфтугӯи мазмуннок сурат гирифта, масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва тамоюлҳои нави таҳқиқоти филологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳифз ва рушди забони форсӣ-тоҷикӣ, омӯзиши мероси хаттии ниёгон ва татбиқи равишҳои нави таълим равона гардид.

Ҳамзамон, ба меҳмонон раванди дарси ихтисосии «Забони тоҷикӣ – алифбои ниёгон» муаррифӣ шуд. Дар доираи он усулҳои омӯзиши хатҳои кӯҳан аз ҷумла настаълиқ, шикаста ва дигар навъҳои хатти форсӣ-тоҷикӣ ба таври амалӣ нишон дода шуданд. Ин бахш таваҷҷуҳи махсуси меҳмононро ҷалб кард.



Зимнан таъкид гардид, ки дар факултет ба омӯзиш ва таҳқиқи хатҳои таърихӣ, хондану шарҳи матнҳои дастнавис ва баргардони осори хаттӣ ба алифбои кириллӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Устодон дар ин самт корҳои назарраси илмӣ анҷом дода, дар эҳё ва дастраскунии мероси хаттии ниёгон саҳми воқеан назаррас мегузоранд.

Ҳамчунин, дастовардҳои донишҷӯён ва омӯзгорон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, бахусус дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», мавриди зикр қарор гирифтанд. Қайд шуд, ки намояндагони факултет мунтазам ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд, ки ин нишонаи сатҳи баланди омодагии илмӣ ва фарҳангии онҳо мебошад.

Дар фарҷоми боздид меҳмонон аз сатҳи фаъолияти таълимӣ ва илмии факултет изҳори қаноатмандӣ намуда, чунин иқдомҳоро дар самти ҳифз ва муаррифии арзишҳои забонӣ ва фарҳангии тоҷикон муҳим ва арзандаи дастгирӣ арзёбӣ карданд.

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## ВОХӮРИИ ҲАЙАТИ РОҲБАРИЯТИ ДОНИШГОҲ БО САФИРИ ҲИНДУСТОН



***9 апрели соли 2026 дар доираи баргузории чорабинии тантанавӣ бахшида ба 77-умин солгарди Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ вохӯрии судманд бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Раҷеш Уике баргузор гардид.***

Дар вохӯрӣ Айнулозода Наҳтулло Айнуло, муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ва Қурбонзода Рухшона Қурбон, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ иштирок намуда, бо Сафир доир ба масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷониба табодули афкор анҷом доданд.

Зимни мулоқот вазъи кунунии муносибатҳои илмӣ ва таълимии байни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Ҳиндустон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷонибҳо ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, масъалаҳои тавсеаи барномаҳои стипендиявӣ, табодули устодону донишҷӯён, татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқотӣ, инчунин баргузор намудани конференсияҳо ва семинарҳои илмиро муҳокима намуданд.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки густариши ҳамкориҳо дар доираи барномаҳои ICCR ва ITEC метавонад барои баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, такмили ихтисоси мутахассисон ва рушди иқтидори илмии донишгоҳ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ёдовар мешавем, ки рӯзҳои 9–14 марти соли 2026 роҳбарият ва намояндагони Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо мақсади густариши ҳамкориҳои илмӣ ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон сафари корӣ анҷом дода буданд. Дар ҷараёни ин сафар мулоқотҳои судманд бо намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ниҳодҳои дахлдори Ҳиндустон баргузор гардида, замина барои рушди ҳамкориҳои минбаъда таҳким ёфт.

## ИШТИРОКИ ДОНИШГОҲ ДАР ФЕСТИВАЛ-НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***6-уми апрели соли 2026 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар Сеюмин Фестивал-намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2026 иштироки фаъолона намуда, имконияту дастовардҳои худро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.***

Чорабинии мазкур бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» баргузор гардида, ба як платформаи муҳими муаррифии низоми таҳсилоти олӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими робитаҳои академӣ табдил ёфтааст.




Дар фестивал намояндагони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, давлатҳои Осиё ва Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иштирок намуда, имкониятҳои таълимӣ ва илмии муассисаҳои худро муаррифӣ менамоянд.

Дар доираи ин чорабинии сатҳи баланд, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар гӯшаи намоишии худ барномаҳои таълимӣ, самтҳои афзалиятноки илмӣ, дастовардҳои байналмилалӣ ва имкониятҳои рушди касбиро барои довталабон, ҷавонон ва меҳмонон ба таври муфассал пешниҳод намуд. Иштироки фаъолонаи намояндагони сохторҳои гуногуни донишгоҳ нишон дод, ки муассиса дар самти ҳамгироӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мавқеи устувор дорад.

Сеюмин Фестивал-намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ аз 6 то 10 апрели соли 2026 идома ёфта, баргузории он дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва ноҳияи Данғара дар назар аст. Ин иқдом ба тавсеаи ҳамкориҳои байнимуассисавӣ ва ҷалби ҷавонон ба таҳсилоти босифат мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз чунин имкониятҳои муҳими байналмилалӣ пайваста истифода бурда, бо такя ба сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти давлат мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшида истодааст.

Иштирок дар чунин чорабиниҳо на танҳо муаррифии имкониятҳои донишгоҳ, балки заминаи воқеии рушди ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ бо муассисаҳои пешрафтаи ҷаҳонро фароҳам меорад.

## ТАШРИФИ НАМОЯНДАГОНИ ДОНИШГОҲИ ОКСФОРД БА ДОНИШГОҲ



**Рӯзи 9 апрели соли 2026 ҳайати намояндагони факултети омӯзиши Осиё ва Ховари Миёнаи Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир аз ҷумла профессор Эдмунд Ҳерзиг, доктор Фарнияз Закер ва хонум Ани Бет-Мовсес ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташриф оварданд. Меҳмонро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ профессор Қурбонзода Рухшона Қурбон ва ҳайати устодону омӯзгорони муассиса бо эҳтироми хоса истиқбол намуданд.**

Дар ҷараёни мулоқоти судманд ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳои марбут ба омӯзиш ва таҳқиқи забони форсӣ-тоҷикӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассусии омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисоси мазкур, инчунин густариши ҳамкориҳои таълимӣ ва илмиро мавриди баррасии амиқ қарор доданд. Ҳамзамон, имкониятҳои татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқотӣ миёни муассисаҳо мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифт.

Зимни суҳбат масъалаи сафарбар намудани донишҷӯёни Донишгоҳи Оксфорд ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ҷиҳати гузаштани таҷрибаомӯзӣ, такмили малакаҳои муоширати забонӣ ва ошноӣ бо муҳити илмӣ ва фарҳангии кишвар баррасӣ гардид. Ҷонибҳо инчунин имкониятҳои мавҷудаи донишгоҳро барои қабули чунин донишҷӯён ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ арзёбӣ намуданд.

Дар идомаи мулоқот масъалаи роҳандозии табодули академии донишҷӯён ва устодон миёни ду донишгоҳ бо назардошти манфиатҳои муштарак муҳокима гардид. Ба таври махсус, ҷонибҳо ба омӯзиши таърихи забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, таҳқиқоти лаҳҷашиносӣ ва хатшиносӣ, инчунин баргардон ва таҳрири осори дастнависи қадима таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, омодагии худро ҷиҳати роҳандозии лоиҳаҳои муштараки илмӣ дар ин самтҳо изҳор доштанд.

## ТАҚВИЯТИ РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН

**9 апрели соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чорабинии тантанавӣ бахшида ба 77-умин солгарди Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ баргузор гардид. Ҳамоиш бо иштироки хатмкардагони барномаҳои стипендиявии ICCR, намояндагони вазорату идораҳо ва муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд.**




Дар чорабинӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Раҷеш Уике ва ҳайати намояндагони корпуси дипломатии Ҳиндустон иштирок намуданд. Меҳмононро муовинони ректори донишгоҳ ҳамроҳӣ карда, бо имкониятҳои таълимӣ ва фаъолияти илмии муассиса шинос намуданд.

Зимни суханрониҳо таъкид гардид, ки Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ дар таҳкими муносибатҳои фарҳангӣ ва илмии байни кишварҳо нақши муҳим мебозад. Барномаҳои стипендиявии ICCR барои донишҷӯён ва муҳаққиқони тоҷик имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, ҳамасола шумораи зиёди онҳо ба Ҷумҳурии Ҳиндустон сафарбар гардида, дониш ва таҷрибаи худро ғанӣ мегардонанд.

Ҳамзамон қайд гардид, ки омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ ҳамасола бо барномаҳои стипендиявии ITEC ва ICCR ба Ҷумҳурии Ҳиндустон сафарбар гардида, дар курсҳои такмили ихтисос ва барномаҳои омӯзишӣ иштирок менамоянд, ки ин раванд ба болоравии сатҳи касбӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад. Дар ҷараёни чорабинӣ барномаҳои стипендиявии Ҳиндустон муаррифӣ гардида, имкониятҳо барои донишҷӯён ва муҳаққиқони тоҷик ба таври мухтасар намоиш дода шуданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ аз ҷониби Маркази фарҳангии Сафорат барномаи фарҳангӣ бо рақсу сурудҳои тоҷикӣ ва ҳиндӣ баргузор гардид, ки табъи меҳмонон ва ҳозиринро болида гардонид.

Муаллимон тарбиятгари насли ояндасози миллат мебошанд. Аз ин рӯ, мавқеи онҳо дар ҷомеа хеле бузург ва ҳалкунанда аст. Эмомалӣ Раҳмон

№04 (1094)
30 апрели соли 2026

ЧОРАБИНӢ

# РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОДА ДАР ДОНИШГОҲ

***Рӯзи 04.04.2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Рӯзи дарҳои кушода баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии чор ноҳияи шаҳри Душанбе иштирок намуда, бо фаъолияти донишгоҳ аз наздик шинос шуданд.***




Довталабон аз намоишҳои омоданамудаи факултетҳо ва дигар сохторҳои донишгоҳ, инчунин аз лабораторияҳою синфхонаҳо дидан намуда, дар бораи шароити таҳсил, имкониятҳои илмӣ ва ҳаёти донишҷӯён маълумоти муфассал гирифтанд.

Бояд қайд намуд, ки дастовардҳои донишгоҳ дар самти ҳамкории байналмилалӣ назаррас буда, соли 2024 89 ихтисоси донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ гузашта, соҳиби шаҳодатномаи махсус гардид.

Ин муассисаи таҳсилоти олӣ ҳоло бо беш аз 120 муассисаи хориҷи кишвар дар самти илму маориф, аз ҷумла табодули академии омӯзгорону донишҷӯён ҳамкориро дар сатҳи баланд ба роҳ мондааст.

Ҳоло донишгоҳ дорои 11 бинои таълимӣ, 6 хобгоҳ барои омӯзгорону донишҷӯён, 14 факултет, 63 кафедра ва 97 ихтисос мебошад, ки 83-тои он ихтисоси омӯзгорӣ аст.

Дар донишгоҳ дар умум 19 ҳазор донишҷӯ аз рӯйи ихтисосҳои муқарраршуда таҳсил менамоянд. Дар ин донишгоҳ ҳамчунин донишҷӯёни хориҷӣ аз 10 кишвари ҷаҳон таҳсили илм мекунанд, ки аз обрӯю нуфузи баланди он дар минтақа ва ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад.

Чорабинӣ дар фазои фараҳбахш ва судманд баргузор гардида, ба хонандагон барои интихоби дурусти касби ояндаашон мусоидат намуд.

# БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Дар доираи Сеюмин Фестивал-намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2026 дар мавзуи «Сифати таълим ва стандартҳои байналмилалӣ» мизи мудаввар баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо зермавзуи «Муқоисаи системаҳои таълимӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва татбиқи беҳтарин таҷрибаҳо» ба таҳлили амиқи равандҳои муосири таҳсилоти олӣ бахшида шуд.**



Дар кори мизи мудаввар намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коршиносони соҳаи маориф ва шарикони байналмилалӣ иштирок намуда, масъалаҳои муҳими мутобиқсозии низоми миллии таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва густариши ҳамкориҳои академиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ Қурбонзода Рухшона Қурбон бо маърузаи илмӣ таҳти унвони «ТГПУ им. С. Айни в системе международных образовательных стандартов: сравнительный анализ и перспективы» баромад намуда, дастовардҳои донишгоҳро дар самти мутобиқшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуданд.

Дар баромади худ номбурда ба таҳлили муқоисавии системаҳои таълимӣ, татбиқи таҷрибаҳои пешқадам ва дурнамои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд.

Таъкид гардид, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ҷорӣ намудани барномаҳои инноватсионӣ, таҳкими пойгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ пайваста дар роҳи мутобиқсозии фаъолияти худ ба стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот қадамҳои устувор мегузорад.

# ҶАЛАСАИ КОРӢ ДОИР БА ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

**Таҳти роҳбарии муовини аввал, муовини ректор оид ба таълимӣ Айнулозода Наҳтулло ҷаласаи кории сохторҳои донишгоҳ доир ба тақвияти фаъолияти таълимӣ ва илмӣ баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласа роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва шахсони масъул иштирок намуда, масъалаҳои муҳими фаъолияти донишгоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни ҷаласа ба масъалаи омодагиҳо ба озмуну олимпиадаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, таъкид гардид, ки ҷиҳати муайян ва омода намудани донишҷӯёни лаёқатманд, ташкили машғулиятҳои иловагӣ, ҷалби омӯзгорони соҳибтаҷриба ва таҳкими корҳои омодагӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ карда шаванд. Қайд карда шуд, ки иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар озмуну олимпиадаҳо яке аз нишондиҳандаҳои муҳими сифати таълим ва сатҳи омодагии онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, дар ҷаласа вазъи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ин замина таъкид карда шуд, ки рушди фаъолияти илмӣ, омодасозии кадрҳои ҷавони илмӣ, таҳкими робитаи илм бо таълим, зиёд намудани корҳои таҳқиқотӣ ва иштироки фаъолонаи омӯзгорону донишҷӯён дар муҳити



илмӣ бояд зери таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дошта бошад.

Дар фарҷоми ҷаласа ба роҳбарони сохторҳо ва шахсони масъулон ҷиҳати иҷрои босифат ва саривақтии супоришҳо дастуру тавсияҳои мушаххас дода, таъкид карда шуд, ки баланд бардоштани сифати таълим, тақвияти фаъолияти илмӣ ва баланд бардоштани масъулияти сохторҳо бояд дар меҳвари фаъолияти ҳар як воҳиди донишгоҳ қарор дошта бошад.

ҶАЛАСА

# БАРРАСИИ РАФТИ ТАЪЛИФ ВА ДИФОИ РИСОЛАҲОИ ХАТМ



**25 апрели соли 2026 ҷаласаи навбатии Шурои илмӣ-методии донишгоҳ таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, профессор Раҷабзода С.И. баргузор гардид.**

Дар ҷаласа ду масъалаи муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифт. Нахуст, доир ба рафти баргузории курсҳои такмили ихтисос директори Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо Музаффар Азимов гузориш дода, аз ҷараёни хуби баргузории онҳо ва ҷалби омӯзгорони соҳибтаҷриба иттилоъ дод.

Ҳамчунин, оид ба рафти омодасозии рисолаҳои хатми донишҷӯён, магистрантон ва докторантони PhD Рӯзиматзода Абдулло гузориш пешниҳод намуд. Зикр гардид, ки дар аксари кафедраҳо рисолаҳои хатм аз 70 то 95 фоиз омода гардида, ҷорӣ намудани назорати марҳилавӣ барои таъмини сифат ва риояи муҳлатҳо зарур дониста шуд.

Дар ҷаласа ҳамчунин масъалаи зиёд намудани шумораи магистрантон ва докторантони PhD, такмили дастурҳои таълимӣ, таҷдиди силлабусҳо ва мутобиқсозии барномаҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар анҷом 48 номгӯй дастур, воситаи таълимӣ ва монография бо иттифоқи оро ба нашр тавсия шуда, аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

ҲАМОИШИ ИЛМӢ

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯ БАХШИДА БА РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

***Бахшида ба Рӯзи илми тоҷик, 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯён баргузор гардид.***



Ифтитоҳи конференсия имрӯз, 14-уми апрели соли 2026 дар толори бархавои Донишгоҳ доир гардида, кори он дар бахшҳои гуногун мувофиқи факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ то 20 апрел идома меёбад.

Дар конференсия сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин ироа гардид. Дар он аз дастовардҳои илмии донишгоҳ, саҳми устодону муҳаққиқон дар рушди илми миллӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос ёдоварӣ шуда, аҳамияти баргузории чунин ҳамоишҳо таъкид гардид.

Ҳамчунин намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Фархунда дар сухани табрикотии худ баргузории конференсияро иқдоми муҳим арзёбӣ намуда, нақши онро дар рушди фаъолияти илмӣ ва таҳкими робитаҳои илмӣ миёни муҳаққиқон муҳим донист.

Дар қисмати илмии конференсия маърӯзаҳо дар мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои коркард ва истифодаи гиёҳҳои шифобахш, таҳқиқоти адабиётшиносӣ, нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва дигар самтҳои мубрами илмӣ пешниҳод гардиданд.

Бояд зикр намуд, ки ташкили чунин ҳамоишҳо ба таҳкими фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва густариши ҳамкориҳои илмии устодону донишҷӯён мусоидат менамояд.

# СЕМИНАРИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ПЕШБУРДИ НАШРИЯҲОИ ИЛМӢ



**Рӯзи 16 апрели соли 2026, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ибтикори факултети иқтисод ва идора дар доираи нақшаи чорабиниҳои факултет семинари байналмилалӣ баргузор гардид.**

Дар ҳамоиши мазкур мушовири Silk Road Media Holding аз Британияи Кабир Таина Какунис иштирок намуда, дар мавзуи "Пешбурди нашрияҳои илмӣ барои аудиторияи ҷаҳонӣ: стратегияҳо, мушкилот ва имкониятҳо" маърӯзаи пурмуҳтаво ироа намуд.

Зимни баромади худ, мавсуф масъалаҳои муҳимми рушди нашрияҳои илмӣ, роҳҳои ҷалби хонандагони байналмилалӣ, истифодаи технологияҳои муосир дар интишори мақолаҳои илмӣ ва инчунин мушкилоти мавҷуда дар ин самтро мавриди таҳлил қарор дод. Таъкид гардид, ки мутобиқ намудани муҳтавои нашрияҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ аз омилҳои калидии муваффақият дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар рафти семинар иштирокчиён – устодону донишҷӯён доир ба мавзуи баррасишуда саволҳои худро иброз дошта, миёни онҳо ва меҳмони хориҷӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар фарҷом, роҳбарияти факултет ба меҳмони гиромӣ барои ҳамкории судманд изҳори сипос намуда, таъкид карданд, ки баргузории чунин чорабиниҳо ба баланд бардоштани сатҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва густариши робитаҳои байналмилалии донишгоҳ мусоидат менамояд.

# БА ОМӮЗГОРИ ДОНИШГОҲ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОДА ШУД



**Бо Фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2026, таҳти №101/уи, ба Зокирзода Хусрав Ҷобир омӯзгори факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дода шуд.**

Роҳбарият ва ҷомеаи донишгоҳ Зокирзода Хусравро бо ин дастоварди илмӣ самимона табрик гуфта, ба ӯ дар фаъолияти минбаъдаи таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ барори кор, комёбиҳои нав ва дастовардҳои арзандаи илмӣ орзу менамоянд.

ДАСТОВАРД

# ДАСТОВАРДҲОИ АРЗАНДАИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ

***Рӯзи 24 апрели соли 2026 маросими тантанавии ҷоизасупории ғолибони як қатор озмунҳои ҷумҳуриявӣ баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик ва ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуд.***









Дар ин маросим муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, дар Озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» миёни омӯзгорону олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши илмҳои табиатшиносӣ ғолиб дониста шуд.

Ҳамзамон, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимӣ Саъдӣ Абдуқодир дар ҳамин озмун дар бахши илмҳои гуманитарӣ соҳиби мақоми аввал гардид.

Инчунин, магистранти соли дуюми факултети география Ҳамрозода Руқия Акрам дар бахши илмҳои заминшиносӣ (география) ғолиби Озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» гардид.

Ҳамчунин, сардори Раёсати илм ва инноватсияи донишгоҳ Аблуҷалилзода Фарзона бо нишони “Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон” қадрдонӣ карда шуд.



Ин дастовардҳои назаррас гувоҳи саҳми арзандаи олимону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар рушди илм ва маорифи кишвар буда, бозгӯи сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо мебошанд. Ғолибият дар чунин озмунҳои бонуфуз мояи ифтихори ҷомеаи илмии донишгоҳ ва тамоми кишвар маҳсуб меёбад.

Дар фарҷоми маросим ҷоизаҳо, дипломҳо ва мукофотҳои пулӣ аз ҷониби Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ба ғолибон супорида шуданд.

Раёсати донишгоҳ ин дастовардҳои арзандаро ба ғолибон самимона табрик намуда, барояшон дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ ва омӯзгорӣ муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамояд.



# ҒОЛИБИЯТИ ДОНИШҶӮИ ДОНИШГОҲ ДАР НИММАРАФОНИ XVI БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Баротова Маҳина донишҷӯи курси 3-юми факултети физикаи донишгоҳ, дар Ниммарафони XVI байналмилалии шаҳри Душанбе натиҷаи назаррас нишон дода, миёни бонувон, шаҳрвандони дохилӣ сазовори ҷойи дуюм гардид.**

Ин дастоварди арзанда нишонаи омодагии баланди ҷисмонӣ, иродаи қавӣ ва маҳорати варзишии ӯ буда, боиси ифтихори ҷомеаи донишгоҳ гардид.

Раёсати донишгоҳ Баротова Маҳинаро ба муносибати ин муваффақият самимона табрик гуфта, ба ӯ барору комёбиҳои бештар орзу менамояд.

# МУСОБИҚАИ ВОЛЕЙБОЛ БА МУНОСИБАТИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛ: ҒОЛИБОН МУАЙЯН ШУДАНД

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни донишҷӯдухтарони факултетҳо мусобиқаи волейбол бо рӯҳияи баланди варзишӣ ва рақобати солим баргузор гардид.**



Дар ин чорабинии варзишӣ дастаҳои донишҷӯдухтарон фаъолона иштирок намуда, маҳорати баланди бозӣ, ҳамоҳангӣ ва иродаи қавии худро нишон доданд. Мусобиқа дар фазои дӯстӣ ва эҳтироми ҳамдигар баргузор гардида, барои таҳкими ҳамбастагӣ миёни донишҷӯён заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар натиҷа, факултети забон ва адабиёти рус сазовори ҷои якум, факултети биология — ҷои дуюм ва факултети педагогика — ҷои сеюм гардида, ғолибон қадрдонӣ шуданд.

Ҳадаф аз баргузории чунин мусобиқаҳо тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҷалби ҷавонон ба варзиш ва рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ мебошад. Чунин иқдомҳо ба баланд бардоштани рӯҳияи донишҷӯён ва рушди фарҳанги варзиш дар байни ҷавонон мусоидат менамоянд.

МУСОҲИБА

# ДАР МАСИРИ ОРЗУҲОИ БУЗУРГ



**Тайи солҳои охир бо кумаку дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҷумҳуриамон ҳама шароиту имконот фароҳам оварда шудааст, то ҷавонон аз гӯшаву канорҳои дурдасти Ватанамон омада, ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Ин аст, ки аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ҷавонон ба тариқи буҷавию квотаҳои президентӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таҳсили илм менамоянд.**

Ҷавонони даврони соҳибистиқлолӣ дар муҳити донишгоҳу донишкадаҳо на танҳо ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, балки барои онҳо шароиту имкониятҳое фароҳам оварда шудааст, ки ҳам дар муассисаҳои олии кишвар таҳсил намоянд ва ҳам ба варзишҳои гуногун машғул шаванд. Яке аз чунин ҷавони муваффақу хуштолеи даврони истиқлол, ки ӯ тавонистааст ҳам дар яке аз муассисаҳои олии кишвар — яъне дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, таҳсил намояд ва ҳамзамон ҳамчун варзишгари муваффақи кишвар худро муаррифӣ кунад, Холибекзода Манижа мебошад.

Ҳамсуҳбати мо Холибекзода Манижа — донишҷӯи курси 1-уми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аст. Мавриди зикр аст, ки Манижа яке аз донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ ҳам дар соҳаи илм ва ҳам дар ҷодаи варзиш буда, сазовори ҷоизаҳои сатҳи донишгоҳию ҷумҳуриявӣ гардидааст.

**— Сараввал каме дар бораи худ ба мо маълумот медодед ва мегуфтед, ки аз кадом минтақаи Тоҷикистон барои таҳсил ба донишгоҳ омадед? Сабаби интихоби донишгоҳ дар чӣ буд?**

— Холибекзода Манижа ҳастам, донишҷӯи курси якуми факултети биология. Дар вилояти Суғд, ноҳияи Спитамен, деҳаи Курушкада дар оилаи хизматчии ҳарбӣ 17 майи соли 2008 ба дунё омадаам. Аз хурдӣ шавқи омӯзгор шуданро дар дил мепарваридам ва маҳз ҳамин орзу сабаб шуд, ки донишгоҳи омӯзгориро интихоб намоям.

**— Шумо дар кадом ихтисос таҳсил мекунед ва рафти омӯзиш чӣ гуна аст?**

— Азбаски аз даврони мактабхонӣ ба фанҳои дақиқ, аз ҷумла биология, химия ва физика шавқи зиёд доштам, факултети биологияро интихоб намудам. Ҳоло дар ҳамин ихтисос таҳсил дорам. Омӯзиш дар факултет хуб ба роҳ монда шудааст, устодони соҳибтаҷриба ба мо дарс мегӯянд. Орзу дорам, ки донишгоҳро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, дар оянда ҳамчун омӯзгори муваффақ ба Ватан хизмат намоям.

**— Чуноне огоҳем, шумо 25 апрел дар чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба варзиши сабук байни ҷавонон (2007–2008) аз рӯи намуди “ядро” иштирок карда, ҷойи аввалро ишғол намудед. Ин ба шумо чӣ гуна муяссар шуд?**

— Бале, ин мусобиқа баргузор гардид ва ман бо кӯмаку дастгириҳои бевоситаи устодам Одинаев Меҳробҷон тавонистам натиҷаи баланд ба даст оварда, ҷойи аввалро ишғол намоям. Ин пеш аз ҳама заҳматҳои пайвастаи устодам буд, ки ман дар байни иштирокчиён аз тамоми гӯшаву канорҳои ҷумҳурӣ муваффақ шудам. Ба устодам миннатдории самимии худро мерасонам.

**— Дар мусобиқаи дигар — “найза”, ки низ дар ҳамин моҳ баргузор шуд, шумо ҷойи дуюм гирифтед. Оё иштирок дар ду мусобиқаи пайдарпай мушкил набуд?**

— Албатта мушкил аст, аммо агар инсон хоҳиш дошта бошад, аз паси ҳама мушкилиҳо мебарояд. Ин мусобиқа 24 апрел баргузор шуд ва ман тавонистам бо талошу дастгирии устодон ҷойи дуюмро ишғол намоям. Кӯшиш мекунам, ки дар оянда бештар иштирок карда, натиҷаҳои беҳтар нишон диҳам ва номи донишгоҳро дар сатҳи байналмилалӣ баланд бардорам.

**— Оё муҳити оилавӣ барои машғул шудан ба варзиш монеа намешавад? Ва чӣ гуна шумо таҳсил ва варзишро ҳамзамон пеш мебаред?**

— Не, падару модарам ҳамеша дастгирии ман ҳастанд. Онҳо медонанд, ки ман аз хурдӣ ба варзиш шавқ дорам. Аз дастовардҳоям хеле хушнуд мешаванд. Ба фикрам, агар хоҳиш бошад, ҳама чиз имконпазир аст. Ман ҳам мехоҳам омӯзгори хуб ва ҳам варзишгари муваффақ бошам. Барои ин нақшаи дақиқ дорам ва намегузорам, ки варзиш ба таҳсил ё баръакс халал расонад. Вақти худро дуруст тақсим карда, ҳам ба дарс ва ҳам ба варзиш мерасам.

**— Ба ҷавонон, махсусан ҷавондухтарон, чӣ тавсия медиҳед?**

— Ба ҳамаи ҷавонон, махсусан ҷавондухтарон, тавсия медиҳам, ки ба варзиш машғул шаванд. Агар дар дил орзу дошта бошанд, метавонанд ба ҳама мушкилот ғолиб оянд. Варзиш на танҳо саломатиро таъмин мекунад, балки обрӯву нуфузи оила, донишгоҳ ва Ватанро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардорад.

Дар анҷом, ба Манижа барои чунин суҳбати самимӣ ва тавсияҳои муфид изҳори сипос намуда, ба ӯ дар фаъолияти минбаъдааш барору комёбӣ таманно дорем. Бовар дорем, ки ӯ дар оянда низ дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад ва ҳамчун парчамбардори Ватани азизамон муаррифӣ мегардад.

**Гуреззода Кибриё,**
**корманди нашрияи**
**“Омӯзгори ҷавон”**

# ШОДБОШӢ



***Зодрӯз муборак бошад, Устоди гиромиқадр. Ба Шумо умри дарози пурбаракат, эҷоди пурфайз ва ҳамаи хушиҳои зиндагиро таманно дорам.***

***Ало, эй роҳбари донову устод,***
***Саодатбахши насли одамизод.***
***Зи ту донистам дунё чӣ сон аст,***
***Асоси зиндагӣ бар одамон аст.***
***Зи ту омӯхтам мардумнавозӣ,***
***Тариқи хоксорӣ, сарфарозӣ.***
***Кунун ҳампешаат гардидам устод,***
***Қасам бар номи некат мекунам ёд.***
***Ҳар он дарсу сабақ к-аз ту бихонам,***
***Зи ҷон бар насли наврас мерасонам.***

Бо эҳтиром шогирдатон Идихуҷа Идиев, н.и.х., дотсенти кафедраи химияи таҳлилии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# НАВСОЗӢ БА СӮИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН

**Дар доираи тадбирҳои ободонӣ ва фароҳамсозии шароити мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакон, корҳои таъмирӣ дар бинои “Маркази таълимии ҳамоҳангсозии инкишофи барвақти кӯдакон” дар хобгоҳи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо суръати хуб идома доранд. Айни ҳол корҳои навсозии синфхонаҳо, таъмири шабакаҳои барқӣ ва обрасонӣ, ҳамчунин рангубори деворҳо ба анҷом расида истодаанд.**









Ҳамзамон, барои беҳтар намудани шароити таълим, таҷҳизоти муосири таълимӣ ва бозичаҳои рушди зеҳнии кӯдакон дастрас карда мешаванд. Пас аз анҷоми пурраи таъмир, марказ бо тамоми шароити зарурӣ барои инкишофи барвақтии кӯдакон омода мегардад.

Ин иқдом ба баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли наврас мусоидат намуда, барои рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии кӯдакон заминаи мусоид фароҳам меорад.









**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Омӯзгори ҷавон» рубрикаи вижаро пешниҳод мекунад, ки ҳадафи он бозгӯ ва таҳлили дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, бахусус саҳми муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ дар рушди кишвар мебошад. Дар доираи ин бахш мавод оид ба комёбиҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, рушди илму маориф, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ислоҳоти соҳа мунтазам ба нашр мерасад. Рубрика минбари муаррифии иқдомҳои нав, таҷрибаи пешқадам ва нақши Донишгоҳ дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст дар даврони Истиқлол хоҳад буд.**

# ҶАЛАСАИ КОРӢ ҶИҲАТИ ДАР САТҲИ БАЛАНД ТАҶЛИЛ НАМУДАНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

***Рӯзи 16.04.2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд таҷлил намудани ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи корӣ баргузор гардид.***



Дар ҷаласа ректори донишгоҳ, муовинони ректор, деканони факултетҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо ва дигар масъулини сохторҳои донишгоҳ иштирок намуданд.

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода зимни суханронии худ оид ба аҳамияти бузурги таърихию сиёсии Истиқлоли давлатӣ ибрози назар намуда, таъкид кард, ки таҷлили шоистаи ин ҷашни муқаддас бояд дар рӯҳияи худшиносию ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва таҳкими дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ баргузор гардад.

Ҳамзамон, зикр гардид, ки иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тадбирҳои пешбинишуда дар нақша-чорабиниҳои донишгоҳ бояд сари вақт ва бо сифати баланд таъмин карда шаванд.

Ба масъулин дастур дода шуд, ки баргузории ҳамоишҳои илмӣ ва фарҳангӣ, конфронсҳо, чорабиниҳои тарбиявӣ, инчунин корҳои ободонию созандагӣ дар ҳудуди донишгоҳро вусъат бахшанд.

Дар идома таваҷҷуҳи махсус ба таҳия ва нашри маводи тарғиботӣ ва муаррифии дастовардҳои даврони истиқлолият, хосатан аз нахуст мактаби олии кишвар зоҳир карда шуд.

Дар фарҷоми ҷаласа барои иҷрои босифат ва саривақтии вазифаҳои гузошташуда ба масъулин супоришҳои мушаххас дода шуд.

## БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯ ДАР РОБИТА БА МАСЪАЛАҲОИ МУҲОСИБӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии Донишгоҳ ва татбиқи сиёсати давлатӣ ҷиҳати солҳои 2025–2030, ки ҳамчун "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон гардидаанд, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масоили мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии соҳаи маориф дар шароити иқтисоди рақамӣ» баргузор гардид.**



Чорабинӣ бо суханони ифтитоҳии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода, ки аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин ироа гардид, оғоз ёфта, мавсуф аҳамияти баргузории чунин ҳамоишҳои илмиро дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ таъкид намуд. Зикр гардид, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ талаботи навро дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ ба миён мегузорад.

Дар идомаи бахши ифтитоҳӣ олимону коршиносони варзида бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуда, паҳлуҳои гуногуни мавзӯро мавриди таҳлил қарор доданд.

Иштирокчиёни конференсия зикр карданд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунӣ, махсусан дар соҳаи маориф, аҳамияти калидӣ дошта, татбиқи технологияҳои рақамӣ метавонад самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимиро ба маротиб баланд бардорад.

Дар фарҷоми ҳамоиш мубодилаи афкор сурат гирифта, пешниҳодҳои мушаххас барои такмили сиёсати соҳавӣ ва рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ ироа гардиданд.

## ИШТИРОКИ РОҲБАРИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР ФЕСТИВАЛИ «САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА»

**26 апрели соли 2026, ректони Донишгоҳи давлатии омӯзгории ТОҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар Фестивали ҷумҳуриявии «Сайри гули лола», ки бо шукуҳу шаҳомати хос дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, иштирок намуданд.**

Фестивали «Сайри гули лола» ҳамасола бо мақсади баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, таҳкими фарҳанги шаҳрдорӣ, тарғиби зебопарастӣ ва вусъат бахшидани корҳои ободониву созандагӣ доир мегардад. Ин чорабинии фарҳангӣ ҳамчун яке аз анъанаҳои муҳими миллӣ дар тарбияи маънавии ҷомеа, махсусан ҷавонон, нақши муассир дорад.




Дар доираи фестивал роҳбарияти донишгоҳ аз намоиши гулу ороишоти мавсимӣ, гӯшаҳои фарҳангиву ҳунарӣ ва дастовардҳои муассисаю ташкилотҳо боздид намуданд.

Иштироки роҳбарияти донишгоҳ дар ин чорабинии муҳими фарҳангӣ бозгӯи таваҷҷуҳи пайвастаи донишгоҳ ба арзишҳои миллӣ, фарҳанги зебопарастӣ ва тарбияи маънавию эстетикии ҷавонон мебошад.

## ҒАЛАБАИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ



**Донишҷӯёни фаъолу болаёқати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар Озмуни телевизионии «Мизони хирад», ки дар доираи ҳамкории Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Сино» баргузор шуд, ғолиб гардиданд.**

Дар ин замина ғолибон ва иштирокчиёни фаъол бо диплом, сипосном ва медал мукофотонида шуданд. Аз ҷумла, Азиза Меликзода барои ишғоли ҷойи якум ва нишон додани маҳорати баланд дар ин барномаи зеҳнӣ бо "Диплом" сарфароз гардонида шуд. Инчунин Иқболҷон Шодиев ва Ширинмоҳ Хушвахтова бо "Сипосномa" ва медал қадрдонӣ гардиданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки чунин озмунҳо ба рушди тафаккури мантиқӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва дарёфти истеъдодҳои ҷавон мусоидат менамоянд.

Ин озмун бахшида ба таҷлили 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, ҳадафи он дастгирии ҷавонони боистеъдод ва тарғиби донишандӯзӣ дар ҷомеа мебошад.


(Идома дар саҳ. 9)

РАВЗАНАИ ОШНОӢ

# АЗ ХИРМАНИ ИЛМ ХӮШАЧИН БОШ



Бузургмеҳр аз устоди худ пурсид:

-Эй устод, аз Офаридагор чӣ хоҳам, ки ба ҳамаи некуиҳо хоста бошам?

Гуфт:

-Се чиз: тандурустӣ, амонӣ ва тавонгарӣ.

Бузургмеҳр гуфт:

-Агар илм омӯзам, чӣ ёбам?

Гуфт:

-Агар хурд бошӣ, бузург ва номдор, агар муфлис бошӣ тавонгар гардӣ, агар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ.

Сироҷиддин Бандаев сари ҳар қадам шукронаи тандурустиву амонӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ тавонгар онест, ки тандуруст аст. Ӯ ҳеҷ неъматеро бартар аз офияти умр намешуморад. Ин аст, ки дар 81 солагӣ ҳануз бардаму болидарух аст. Сабоҳ ба кор меояд ва коргоҳро хонаи дуюм не, хонаи аввал бамешуморад, зеро қисми асосии ҳаёташ, эҷодаш, таълифоташ ба муҳити солими ҷои кор марбут аст.

Уро дар утоқи кор бо як сару сад хаёл дарёфтем. Машғули таҳрири рисолаи илмии шогирдаш буд. Суҳбати мо атрофи зиндагинома ва фаъолияти эҷодии ӯ гарм шуда, қур гирифт. Ӯ нақл мекарду ман ба чеҳраи дар масири зиндагӣ шебу фарозро аз сар гузаронидааш чашм медӯхтам. Оразаш пурнур, иродааш қавӣ ва азмаш устувор ба назар меояд. Боҳорорат, боматонат сухан мегӯяд.

Дафтари ҳолашро варақ мезанем. Сироҷиддин Бандаев 10-уми марти соли 1945 дар рустои Лоҷрики ноҳияи Сангвор дида ба олам кушода, бар асари муҳоҷирати солҳои 1953-1962 мактаби миёнаро дар деҳаи Сайёди ноҳияи Шаҳритус ба итмом расонидааст. Худи ҳамон сол дар Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Душанбе шуъбаи химия ва биология кушода шуд ва Сироҷиддин аз аввалин донишҷӯёни ин шуъба буд. Дар ин миён солҳои 1964-1967 ҳамчун шунавандаи мактаби ҳарбй-авиатсионии шаҳри Красноярск ва сержанти калони полки авиатсионии шаҳри Черняховски Русия хизмати ҳарбиро сарбаландона адо намуда, пасон таҳсилро идома дод. Хизмати ҳарбӣ барои ман мактаби обутоди зиндагӣ буд, - ба ёд меорад Сироҷиддин Бандаев.

-Тӯли се сол моҳияти зиндагиро дарк кардам, касбу забон омӯхтам, хизмат ба сафи артиш ҷаҳонбинии маро билкул тағйир дод, назари ман ба равандҳои зиндагӣ ва падидаҳои ҷаҳон тамоман дигар шуд- мегӯяд ӯ.

Сироҷиддин Бандаев аз соли 1970 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон фаъолият дорад. Ӯ аз ассистенти кафедраи химияи органикӣ то қуллаҳои баланди илм- доктори илмҳои химия, профессор расидааст. Соли 1975 таҳти роҳбарии профессор Шабаров Ю.С. рисолаи номзадӣ ва баъди хатми курси докторантураи Донишгоҳи давлатии шаҳри Маскав ба номи М.В. Ломоносов соли 1993 рисолаи докториро дар мавзуи «Меркурини арилсиклопропанҳова имконоти истифодабарии ин реаксия дар синтези органикӣ» дифоъ намудааст. Ӯ дар риштаи химияи органикӣ ва элементоорганикӣ мутахассиси варзида ба ҳисоб рафта, дар доираҳои илмии ҷумҳурӣ ва хориҷа саҳбнуфуз аст.

Гуфтамаш:

-Чи сиррест, ки 56 сол боз дар як ҷо – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон кор мекунед.

Ба андеша фурӯ рафт, андаке сукут варзид, хотироташро тагурӯ намуда, бо табассуи ба худаш зебанда оромона гуфт:

- Меҳр ба касб. Тору пӯдам ба касби омӯзгорӣ танида шудааст. Донишгоҳи омӯзгорӣ ба ман касб, обрӯ, ифтихор, дараҷа ва унвони илмӣ дод. Чизе ёфтам аз ҳамин донишгоҳ ёфтам, аз ассистенти одӣ то ба дараҷаи академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ расидам ва аз ин иқболи нек пайваста шукр мекунам.

Гуфтамаш:

-Шумо ба донишгоҳ чӣ додед?

Гуфт:

- Вуҷудамро сарфи кори омӯзишу парвариш намудам. Ҳазорон ҷавононии ташнаи ҷодаи илмро соҳибкасб ва ба роҳи рости зиндагӣ раҳнамун кардам. Ҳастиямро ба таълифи китобу воситаҳои таълим бахшида 26 китобу васоити таълимӣ, беш аз 350 мақолаи илмиву методиву оммавӣ таълиф кардаам. Худро чузъи донишгоҳи азизам медонам, онро бароям манзили умед маънидод мекунам.

Оре, ҳақ ба ҷониби ӯст. Номбурда муаллифи китоби «Химияи органикӣ» (барои синфи 10) аст, ки беҳтарин китоби дарсӣ дар ҷумҳурӣ дониста шудааст. Ба қаламаи ӯ китоб ва дастурҳои таълимии «Машқ ва масъалаҳо аз химияи органикӣ», «Машғулиятҳои амалӣ аз химияи органикӣ», «Химияи органикӣ» (китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои омӯзгорӣ», «Химияи органикӣ (маводи таълимӣ барои коллеҷҳо) ва ғайраҳо тааллуқ доранд. Сабки таълифи китобу васоити таълимии номбурда куллан фарқ доранд. Онҳо бо забони шевои оммафаҳми нобо ночкӣ нигошта шудаанд, аз ин рӯ, ҳам ба хонандагон фаҳмо ва ҳам таваҷҷуҳро ҷалб менамоянд ва ба ин васила хонандаро тарбия ва ба ҷодаи зебоипарастӣ ҳидоят месозанд.

Рӯзе муаллим аз хонандагон пурсид:

-Кадом чиз инсонро зеботар мегардонад?

Бачаҳо ҳар кадоме ҳар гуна ҷавобе доданд: яке либоси тоза гуфт, дигаре мошини замонавию сарвати зиёдро ном бурд. Ниҳоят, як писарбачаи хоксор оромона гуфт:

-Одоб, хондани китоб ва тарбияи хуб.

Муаллим табассум кард ва гуфт:

- Дуруст гуфтӣ. Либос кӯҳна мешавад, мошин рӯзе кӯҳна ва сарвати зиёд тамом мегардад, аммо хондани китоб, тарбияи хубу одоби накӯ ҳамеша инсонро соҳибқадр нигоҳ медорад. Аз ҳамон рӯз бачаҳо фаҳмиданд, ки мутолиаи китоб, сухани ширин, эҳтиром ба калонсолон ва рафтори нек беҳтарин зебоии инсон будааст. Профессор Сироҷиддин Бандаев дар таълифи китобҳои дарсӣ аз фазилатҳои неки дар тули асрҳо андӯхтаи гузаштагон ба тариқи фаровон истифода мебарад, аз ин рӯ, онҳо ба дили хонанда мерасонанд.

Мактаби омӯзгории устод серҳосилодор аст. Ин мактаб таҷрибаи таълими ниёгонро бо шеваи навини омӯзиши муосир ҳамбаста кардааст. Нутқи шевову самимӣ, овардани иқтибос аз осори ниёгон, баёни ҳадафманди дарс таваҷҷуҳи донишмандҷӯёнро ба лексияҳои устод ҷалб менамояд. Дар меҳвари дарсҳои профессор Бандаев дар баробари таълим, пеш аз ҳама, тарбия нақши назаррас касб кардааст. Зеро таълим ва тарбия амсоли ду боланд, ки бе онҳо толибилм дар олами илму таълим парвоз карда наметавонад. Тарбия инсони соҳибилмро аз мушкилот мераҳонад.

Нақл аст, ки рӯзе Афлотун шогирдоншаро ба гардиш бурд. Кӯҳу дашт ва табиати сабзи баҳориро тамошо карданд ва аз Афлотун фалсафаи вуҷуд омӯхтанд.

Вақти истироҳат, машғули хӯрдани таъом шуданд. Пашшае музоҳими таъом хӯрдани Афлотун мешуд ва мудом мехост, ки ба таоми ӯ наздик шавад.

Афлотун каме аз таоми худ назди пашша гузошт. Паша шуруъ ба хӯрдан кард.

Афлотун аз шогирдонаш хост, ки пашшаро бо диққат зери назар бигиранд.

Пашша бархост ва рӯи дасти яке аз шогирдон, ки захмӣ ва хунолуд буд, нишаст ва аз он макидан гирифт.

Баъдан Афлотун себи гандидае назди пашша гузошт. Пашша дарҳол ба нуқтаи сиёҳшудаи он нишаст ва шуруъ ба хӯрдан намуд. Дар ҳамон наздикӣ, дар танаи дарахт анкабуте тор танида буд. Пашша бархосту торро надид ва гирифтори анкабут шуд. Сипас Афлотун ба шогирдонаш гуфт: Бингаред, анкабут сабуртарин ва қонеътарин ҳашара аст. Рӯзҳо мумкин аст, ки канори лонаи худ мунтазири луқмааш биншинад ва ҳангоме, ки шикоре ба даст овард, чандин рӯз ором - ором аз он истифода мекунад. Ҳарис ва шикампарвар нест. Аммо пашшаро дидед? Ҳам тамаъкору ҳарис аст ва ҳам танпарвар ва ҳеҷ сабру қароре дар ӯ дида намешавад. Дидед, ки вақте онро аз болои захми даст меронде, дарҳол ба меварид ва рӯи таом менишаст. Ҳамин гуна аз сабаби ҳирс ва беқаророй, гирифтори анкабут шуд.

Аз ин нақли тарбиятомӯз метавон натиҷа бардошт, ки бисёре аз гирифториҳои инсон низ натиҷаи ҳирсу тамаъ ва зиёдахоҳиҳои ӯст. Зиёдаравӣ, ҷоҳталабӣ, ҳасуддурӣ ва тамаъкорӣ ҳатто инсони донишманду солеҳро ба доми бало мубтало мекунанд, - андеша дорад профессор Сироҷиддин Бандаев.

Сироҷиддин Бандаев дар ҷодаи илми кимиё соҳибмактаб аст. Мактаби илмии ӯ аз маҳзани кимиёшиносони бузурги Санкт-Петербургу Маскав ва Олмон сарчашма мегирад ва ҷавонони лаёқатманду ҳаводорони кимиёро аз гӯшаву канори Тоҷикистон гирди ҳам овардааст. Аз баракати ин мактаби илмӣ даҳҳо нафар рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ намуда, дар пажуҳиши минбаъдаи илми кимиёи органикӣ саҳм мегузоранд. Гуфтан бамаврид аст, ки профессор Бандаев бори аввал усули ҳосил кардани як силсила сипиртҳоро ихтироъ намуда, ҳамзамон истифодаи синтетикии онҳоро дар амал нишон дада синфи нави пайвастагиҳои малаллоорганикии атсилбензолҳоро кашф кардааст. Оид ба дастовардҳои мактаби илмии худ дар 20 конфронсу ҳамоишҳои илмии сатҳи байналмилалӣ маъруза кардааст. Ӯ яке аз аввалин олимонест, ки дар риштаи кимиё дастовардҳои Тоҷикистонро ба ҷаҳон муаррифӣ кардааст. Таълифи 2 монография, зиёда аз 350 мақолаи илмӣ, методӣ ва илмӣ- оммавӣ маҳсули тафаккури илмии ин олими пуркор мебошад. Зери роҳбарии ӯ 25 нафар донишҷӯ мақола ва натиҷаи дастовардҳои худро дар маҷаллаҳои маъруфи хориҷи кишвар ба нашр расонида, дар ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ ширкат ва ба ин васла ба илми Тоҷикистон шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидаанд.

Сироҷидин Бандаев шоҳиди зина ба зина ташаккулу таҳаввули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аст. Ба қавле «таърихи зинда»- и донишгоҳ аст. Ӯ солиёни зиёд ба ҳайси мудири кафедра, декан ва муовини ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ дар раванди татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маорифу илми мамлакат ширкат варзида, бо ҳидоятҳояш стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои нави таълимӣ таҳия ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Метавон гуфт, ки бобати ҷанбаи миллӣ касб намудани раванди таълиму тарбия дар донишгоҳ нақши ӯ низ бориз аст.

Номбурда шаҳодат медиҳад, ки нақши ин боргоҳи илму маърифат дар омодасозии мутахассисони соҳаи педагогӣ беҳамто аст. Зеро дар даврони Шуравӣ низ мушкилоти нарасидани кадрҳои соҳа, махсусан духтарон дар минтақаҳои кӯҳистони водии Рашт ҷой дошт. Аммо таъсиси Квотаи Президентӣ тадриҷан ин мушкилотро рафъ кард. Агар солҳои аввали истиқлол духтарон бо мушкилӣ ба таҳсил сафарбар мешуданд, ҳоло барои дастрас кардани Квотаи Президентӣ озмун эълон шудааст. Акнун духтарони беҳтарину аълохон барои ба даст овардани он чаҳд меварзанд,- мегӯяд Сироҷиддин Бандаев. Худи ҳамин ҳол гувоҳи ба таълиму тарбия бештар ҷалб гардидани духтарон аст. Дар ин самт нақши Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст, зеро дар сиёсати иҷтимоии номбурда аз аввал маориф самти афзалиятнок эълон гардида буд.

Ӯ ба хотир дорад, ки солҳои аввали истиқлол биноҳои таълимии донишгоҳ ҳолати ҳузновар доштанд. Ҳатто бинои асосии донишгоҳ мечакид ва ниёз ба таъмир дошт, саҳни донишгоҳ валангор, кабинетҳои фаннӣ ва синфхонаҳо бо мизу курсиҳо шикаста раҳми касро меовард. Паст будани маош ва ба ин сабаб нарасидани устодони соҳибкасб ва соҳибунвон мушкилоти дигари соҳа буд. Хушбахтона, ин мушкилот тадриҷан паси сар шуд. Ҳар роҳбар барои пешрафти донишгоҳ як кори хайр, як ташаббуси созанда ва як амали солеҳро ба субут расонд. Ташрифҳои пайиҳами Президент ба донишгоҳ ҷойгоҳи онро дар низоми маорифи кишвар боло бурд. Дар натиҷа таваҷҷуҳи мақомот ба донишгоҳ афзуд, биноҳои нави таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд, музди маоши устодону кормандон зина ба зина боло рафт, устодони соҳибмактаб ва соҳибунвон ба таълиму тарбия ҷалб гардиданд, раванди таълим ҳампои ҷомеа гардида, қабули Қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» барои боло бурдани мавқеи омӯзгор дар даврони истиқлол роҳ кушод.

Дар ободонии ин муассисаи таҳсилоти олии мамлакат саҳми ректори донишгоҳ, профессор Аҳлиддин Ибодуллозода назир надорад, - аз сидқи дил мегӯяд ӯ. Бунёду мавриди истифода қарор додани бинои нави факултети забон ва адабиёти рус, Озмоишгоҳи биологӣ дар агролабораторияи донишгоҳ, инчунин Парки технологӣ ва бо таҷҳизоти муосири таълимӣ ҷиҳозонидани онҳо, таъмири капиталии тамоми биноҳои таълимӣ, муҷаҳҳаз намудани синфхонаҳо бо мизу курсиву минбару тахтаҳои электронӣ, кушодани лабораторияҳои нави таълимӣ ба номи ректори донишгоҳ гирех мехӯрад. Бо фароҳам омадани шароити мусоид вазифаи устодону кормандон баланд бардоштани савияи таълим ва низоми ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ гардидан аст, - иброз медорад профессор Сироҷиддин Бандаев.

Раванди зиндагӣ ва фаъолияти илмиву эҷодии ин фарзонамард барои насли нави омӯзгорон мактаби омӯзишу парвариш ба ҳисоб меравад. Шахсияти ӯ аз нишонаҳои поки одамият-хоксорӣ, сабурӣ, таҳаммулпазирӣ, ростқавлӣ, шикастанафсӣ, мардумнавозӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ бино ёфтааст. Дар ин шахсият илму таълим ба ҳам омада, онро тавонманду шукӯҳманд ба ҷилва медиҳанд. Ӯ таваccути илм аз кучак бузург ва номдор шуд, нодор буд тавонгар шуд ва маъруф буд маъруфтар шуд.

Узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фарҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, барандави Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, доктори илмҳои кимиё, профессор Сироҷиддин Бандаев аз он мебошад, ки хушиқбол ва покизарӯзгор аст, дар зиндагӣ омолу орзуҳояш амалӣ гардидаву бо заҳмат ба авҷи шуҳрат расидааст.

Оре, об вақте ба нуқтаи ҷӯш мерасад, дигар намеҷӯшад, балки аз ҳолати моеъ ба буҳор табдил мешавад, одам ҳам он қадар мешиканад, то ки ба нуқтаи шикастан мерасад, дигар намешиканад, балки ба як одами дигар табдил меёбад, мисли пӯлод обутоб меёбад, дар зиндагӣ муқтадир мегардад, дар ҷодаи ҳаёт шикастнопазир мешавад.

Бале, ӯ ҷисман муқтадир аст, руҳан бешикаст ва мағлубнопазир аст, ҳануз дар такопӯст, меомӯзад, меофарад, таълиф мекунад, шогирд тарбия менамояд ва ба мисраъҳои зеро сармашқи кори рӯзгор ва зиннатбахши меҳвари осор қарор додааст:

Аз хирмани илм хӯшачин бош,
Ангуштари илмро нигин бош.

Сироҷиддин Бандаев бо заҳматҳои пайваста барои худ олами маънавӣ сохтааст, баҳри раҳнавардони ҷодаи илм кохи маърифату ирфон ва барои пасвандон ганҷинаи бебаҳои илм бино кардаву ба мерос гузоштааст ва мероси маънавии ӯ безавол аст, ба ӯ умри дубора мебахшад…

Ӯ ғарқи андешаҳо аз донишгоҳ ҷониби хона роҳ мепаймояд, қадамҳои ӯ устуворанд, нақши дасташ мондагоранд…

**Саидмуроди Ҳоҷазод,**
**профессор**

# АВВАЛИН БИНОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**(ба муносибати 95 - солагии таъсисёбии донишгоҳ)**



**Аввалин мактаби олии Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соли 1931 бо номи Донишкадаи олии агропедагогии тоҷик дар заминаи ду шуъбаи факултети педегогикаи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (ДДОМ): таъриху иқтисодиёт ва забону адабиёт дар шаҳри Тошканд таъсис ёфт. Донишкада расман фаъолияташро аз 1 сентябри ҳамон сол дар шаҳри Тошканд оғоз намуд. Ба гумони ғолиб аз сабаби набудани бинои мувофиқ дар Сталинобод (Душанбеи ҳозира) зарур шуморида шуд, ки фаъолияти донишкада дар Тошканд оғоз ёбад. Пас аз як сол, яъне аз соли 1932 донишкада ба пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Сталинобод мекӯчад.**

Дар Сталинобод бори аввал фаъолияти донишкада соли 1932 бинобар нақли дуюмин сарвари донишкада Абдулҳамид Пӯлодӣ дар як бинои якошёна, дар паси собиқ бинои кинотеатри Ҷомӣ (ҳоло паҳлӯи рости муҷассамаи Исмоили Сомонӣ) ҷойгир буда, шароити биноҳои таълимӣ низ дар он айём хело ташвишовар будааст.

Аз тирамоҳи ҳамон сол донишкада ба ҷойи ҳозирааш мекӯчад. Аммо он вақт биноҳои ҳозира вуҷуд надоштанд. То соли 1937, аз рӯи маълумотҳои овардаи муаррихи тоҷик Баҳодур Искандаров донишкада дар ду бинои начандон калон ҷойгир кунонида шудааст. Бинои ҳозираи №2 ҳамчун хобгоҳи донишҷӯн аввали солҳои сиюм сохта мешавад. Айни замон дар бинои мазкур факултетҳои психология, қисман физика, забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, литсейи донишгоҳ ва матбааи донишгоҳ ҷойгиранд. Гуфтан мумкин аст, ки аз биноҳои ҳозираи таълимии донишгоҳ ҳамин бино қадимтарин ба ҳисоб меравад.

Бинобар навиштаи олимони тоҷик Пирумшоев Ҳ., Убайдуллоев Н., Худойдодов А., Маликов дар асари «Донишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърихи миллат» бинои асосӣ ва бинои №3 (ҳоло факултети математика) соли 1937 аз тарафи меъморон Д. Билибин, Г. Стеркалов ва тарроҳ Э. Ичаджик таҳрезӣ шуда, сохтмони он соли 1939 ба анҷом расидааст. Китобхонаи донишгоҳ дар аввал дар қабати сеюми бинои асосӣ (ҳоло маҷлисгоҳ) ҷойгир буд. Дар қабати дуюми ҳамин бино бошад синфхонаҳои таълимӣ ва лабараторияҳо ҷойгир будааст. Маъмурият бошанд дар ошёни аввал ҷой доштанд. Ин се бино шоҳиди безабони таърихи донишгоҳ буда, бо номҳои “Хобгоҳи донишҷӯён” (бинои № 2), “Маъмурият” (бинои асосӣ) ва “Бинои таълимӣ” (бинои № 3) дар даҳсолаҳои аввал мавриди истифода қарор доштанд.

Вазъ ё худ шароити дохили биноҳои мазкур ҳам чандон ба талабот ҷавобгӯй набудааст. Бинобар навиштаи Б. Искандаров то соли 1937 ба ғайр аз ҳуҷраи раёсати донишкада ва ду ҳуҷраи муаллимон дигар ҳуҷраю синфхонаҳо бо қувваи барқ таъмин набуданд. Бо сохта шудани НБО Варзоб дар соли 1937 ин мушкили то ҷое рафъ гардид. Роҳи байни мавзеи ҷойгиршавии донишкада то маркази шаҳр бошад як роҳи оддии хокие буда, ки ҳангоми барфу борон пур аз лой шуда барои раҳгузарон мушкилӣ эҷод мекардааст.

Пас аз соли 1937 вобаста ба рушди шаҳрсозӣ оҳиста-оҳиста намои биноҳои таълимии донишкада тағйир ёфта, то ба намуди имрӯзааш расид. Бинои таълимии № 2 дар ибтидо ҳамчун хобгоҳи донишҷӯён тахминан то соли 1939 хизмат мекард. Намуди зоҳирии он баъдан ба намуди зоҳирии бинои асосӣ ва бинои № 3 дар худи ҳамон сол мутобиқ карда ва пасон ба бинои таълимӣ табдил дода шуд.

Бо вуҷуди он донишгоҳи омӯзгорӣ дар тӯли фаъолияти хеш барои рушди маънавии миллат хидмати калон намуда, ҷойгоҳи марказиро дар ин раванд ишғол намудааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо туфайли итиқлоли Ватан марҳилаи нави фаъолияти донишгоҳ оғоз ёфт. Дар ин давра навсозиҳо дар донишгоҳ зиёд шуд ва ба ин муносибат борҳо Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба донишгоҳ ташриф оварда, дар ифтитоҳи биноҳои нав иштирок намуданд ва ҳамзамон бо суханронии хеш нақш ва мақоми донишгоҳро дар самти тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ баланд арзёбӣ намуданд.

Бояд қайд намуд, ки давоми солҳои охир донишгоҳ ба як таҳаввулоти калон, бахусус дар самти бунёди биноҳои таълимӣ, маишӣ ва хоҷагӣ рӯ ба рӯ гардид. Таъмири сартосарии биноҳои донишгоҳ бо сифати баланд, ки аксари он бори охир давоми солҳои 70 ва 80-уми асри гузашта таъмир шуда буданд яке аз иқдомҳои нақиби роҳбарияти донишгоҳ ба шумор меравад. Бунёди биноҳои маишӣ ва хоҷагӣ дар боғи “Агробиолабораторӣ”-и донишгоҳ, воқеъ дар дараи Ромити шаҳри Ваҳдат низ дастоварди дигари донишгоҳ давоми солҳои охир мебошад. Яке аз бузургтарин муваффақиятҳои ҳайати кории донишгоҳ ин сохта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави факултети забони русӣ, толори барҳаво барои баргузории чорабиниҳои гуногуни сиёсию ҷашнӣ, осорхона, бойгонӣ ва маркази тестӣ ба шумор меравад.

Раванди корҳои бунёдкорию созандагӣ айни замон дар донишгоҳ дар баробари дигар самтҳо бо майли том идома дорад. Бо ин месазад қайд намуд, ки ҳайати кормандону донишҷӯёни донишгоҳ ҷашни 35 солагии истиқлол ва 95 солагии таъсисёбии донишгоҳро бо дастовардҳои беназир истиқбол хоҳанд гирифт.



**Давлатшоҳ Маҳмудов,
омӯзгори факултаи таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

# РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ НАУКИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ: ИСТОРИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ, ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА И РОЛЬ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

**В условиях современного стремительного развития науки и образования, а также укрепления государственной политики Республики Таджикистан, направленной на повышение уровня знаний и интеллектуального потенциала общества, ежегодно в Таджикском государственном педагогическом университете имени Садриддина Айни проводится научно-практическая конференция профессорско-преподавательского состава, докторантов, магистрантов и студентов, посвящённая Дню таджикской науки, 35-летию Государственной независимости Республики Таджикистан и 95-летию со дня основания университета.**

Данная инициатива рассматривается как важная составляющая государственной политики развития науки и образования и способствует укреплению научного мировоззрения, повышению уровня исследовательской мотивации и расширению творческой активности молодёжи.

В рамках Недели науки проведение научно-теоретических конференций, круглых столов, научных семинаров и исследовательских выступлений преподавателей и студентов создаёт условия для совершенствования их профессиональных знаний и навыков, а также для более глубокого и системного анализа актуальных научных проблем. Одновременно такие мероприятия способствуют укреплению научных связей между поколениями: преподавателями и студентами, играя значительную роль в формировании устойчивой и благоприятной научной среды.

Отмечание Дня таджикской науки на уровне образовательных учреждений рассматривается как важное научно-просветительское явление, играющее значительную роль в укреплении научного мышления и развитии исследовательской деятельности. Данное мероприятие является не только выражением уважения к богатому научному наследию нации, но и способствует развитию научного мировоззрения, повышению уровня социальной ответственности и вовлечению молодёжи в научно-исследовательскую деятельность.

В условиях современного развития общества знаний, в котором опора на знания и инновации является одним из ключевых факторов прогресса, подобные мероприятия приобретают особую значимость. Они предоставляют студентам и молодым исследователям возможность ознакомиться с достижениями прошлых поколений и определить своё место в процессе развития современной науки.

Таджикская наука обладает глубокими историческими корнями и внесла значительный вклад в развитие мировой цивилизации. С древнейших времён представители таджикской науки и культуры посредством создания научных и философских трудов не только обеспечивали внутреннее развитие общества, но и оказывали существенное влияние на развитие мировой науки на международном уровне. Данный процесс подтверждает, что наука как фундаментальный элемент национальной идентичности играла определяющую роль на всех этапах исторического развития.

В истории таджикской науки особое место занимают такие выдающиеся личности, как Мухаммад аль-Хорезми (VIII-IX вв.), Абу Али ибн Сино (X-XI вв.), Абу Райхан Беруни (X-XI вв.), Абуабдулло Рудаки (X в.) и Абулқосим Фирдавси (X-XI вв.). Их труды, охватывающие точные, естественные, философские и гуманитарные науки, заложили прочную основу научного мышления восточной цивилизации.

Данное научное наследие не только обладает высокой академической ценностью, но и сохраняет своё значение как важный духовный и просветительский источник. Согласно философскому анализу трудов Абу Али ибн Сино, знание рассматривается как основной инструмент познания истины и достижения человеческого совершенства, что в философии науки признано одним из фундаментальных принципов. Одновременно Мухаммад аль-Хорезми, разработав алгебраические методы и вычислительные подходы, заложил основы точных наук и обеспечил развитие современной математики.

Наряду с этим, исторические борцы за национальные интересы, такие как Спитамен, Мука́ннаъ и Восеъ, сыграли важную роль в защите национальной идентичности и противостоянии политическим и культурным угрозам. Хотя их деятельность носила преимущественно социально-политический характер, именно такие движения способствовали сохранению национального самосознания и дальнейшему развитию культуры. Исторический опыт показывает, что без устойчивой государственности и национальной идентичности развитие науки не может носить устойчивый и непрерывный характер.

Таким образом, таджикская наука, являясь неотъемлемой частью мировой цивилизации, на протяжении истории не только сохранялась, но и постоянно развивалась, адаптируясь к новым социальным и культурным условиям. Это богатое наследие сегодня служит важной основой развития науки, укрепления национального самосознания и расширения научного мировоззрения.

В последующие исторические периоды особое значение в этом процессе приобрели роль выдающихся деятелей и просветителей. Такие личности, как Шириншох Шохтемур и Нусратулло Махсум, как основоположники нового таджикского государственного строительства внесли значительный вклад в развитие национального самосознания, образования и формирование научной базы. В этом контексте их идеи о государственности и образовании выражаются следующим образом: «Развитие государства не может быть устойчивым без опоры на просвещение и подготовку высококвалифицированных кадров».

Также Мирзо Турсунзода и Бободжон Гафуров сыграли важную роль в международном представлении таджикской науки и культуры, повысив их авторитет на мировой арене. Мирзо Турсунзода в своих произведениях провозглашал гуманизм и мир как высшие ценности, подчеркивая, что «культура и литература являются средством сближения народов и отражением образа нации». В свою очередь, Бободжон Гафуров отмечал, что «изучение истории является основой национального самосознания и понимания места народа в мировой цивилизации».

В данном процессе особое значение имеет деятельность Садриддина Айни, который своими научными и литературными трудами внес неоценимый вклад в сохранение и развитие языка, культуры и национальной идентичности, создав прочную основу для формирования современной таджикской науки. В его произведениях ключевая идея выражается в том, что «язык и литература являются основой существования нации и главным фактором её устойчивости».

Исторический опыт показывает, что развитие таджикской науки является результатом взаимодействия древнего наследия, национальной борьбы и деятельности современных просветителей.

В условиях государственной независимости развитие науки и образования стало одним из приоритетных направлений государственной политики Республики Таджикистан. В этом процессе значительную роль играет Президент страны Эмомали Рахмон как лидер государства и инициатор научно-образовательной политики. Реализуемая стратегия направлена



**Шахноза Шоабдурахимовна, заместитель декана по научной работе факультета экономики и управления ДДОТ имени С. Айни**

на укрепление научно-образовательной базы, повышение уровня образованности общества и адаптацию системы образования к требованиям современного мира.

Согласно Посланию Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли (2023), «развитие науки и образования является ключевым фактором устойчивого экономического и социального развития страны».

По инициативе и при поддержке уважаемого Эмомали Рахмона реализован ряд государственных программ в сфере науки, образования и подготовки высококвалифицированных кадров. В частности, в Национальной стратегии развития образования до 2030 года подчеркивается, что «формирование экономики, основанной на знаниях, невозможно без развития современной системы образования».

Кроме того, в Послании Президента Республики Таджикистан (2021) отмечается, что «молодёжь является созидательной силой и основой развития государства».

Таким образом, роль государства и его научно-образовательной политики является ключевой в развитии таджикской науки.

В условиях глобализации и стремительного развития информационных технологий роль молодежи в развитии таджикской науки приобретает всё большую значимость.

В современной системе образования преподаватель занимает центральное место в формировании научного мировоззрения, духовного воспитания и критического мышления.

В целом таджикская наука как великое историческое наследие прошла долгий и славный путь, от трудов классических мыслителей до достижений современности, и служит основой национального самосознания и общественного развития.

Сегодня основная ответственность за дальнейшее развитие таджикской науки возлагается на преподавателей и молодёжь. Только на основе сочетания знаний, инноваций и уважения к научному наследию прошлого возможно обеспечить устойчивое развитие таджикской науки и укрепить её позиции на международной арене.

# САЙРИ ТАЪРИХ ДАР ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ



**Барои инсоният як ҳақиқати маъруф вуҷуд дорад: инсон ба ҳар чизе, ки мешунавад, то онро бо чашми худ набинад, бовар намекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки дорои ёдгориҳои бойи таърихию фарҳангӣ аст. Баъзе аз ин арзишҳои нодир ҳатто ба феҳристи мероси моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардидаанд, ки боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.**

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва рушди фарҳанги миллӣ дар ҷумҳурӣ осорхонаҳои зиёде таъсис ёфтанд. Осорхонаҳо на танҳо барои ҳифзи мероси таърихӣ хизмат мекунанд, балки дар ташаккули фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллии инсон нақши муҳим мебозанд. Имрӯзҳо осорхонаҳои кишварро ҳам меҳмонони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ тамошо мекунанд, ки ин аз рушди соҳаи фарҳанг дарак медиҳад.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун макони илму маърифат ҳамасола ҳазорон мутахассисони варзида омода месозад. Дар факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳ донишҷӯёни курси чорум фанни осорхонашиносӣ меомӯзанд. Ҳадафи асосии ин фан шиносоӣ бо таърихи осорхонаҳо ва нақши онҳо дар ҷомеа мебошад. Ин фанро омӯзгорони ботаҷриба — Роҳатов Ғайратшоҳ ва Ниёзов Дилшод бо маҳорати баланд дарс медиҳанд.

Рӯзи 29 октябри соли 2024 дар донишгоҳ бинои нави осорхона бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мавриди истифода қарор гирифт. Дар ин осорхона дастовардҳои таърихӣ ва илмие, ки аз ҷониби устодон ва донишҷӯён ҷамъоварӣ шудаанд, ба намоиш гузошта шудаанд.

Рӯзҳои наздик мо, донишҷӯёни факултет, бо ҳамроҳии омӯзгори фан Ниёзов Дилшод ба ин осорхона сафар намудем. Ин сафар барои мо на танҳо як тамошо, балки як дарси зиндаи таърих гардид. Устод Фаридун Кенҷазод ҳамчун роҳбалад бо суханрониҳои равон, дониши амиқ ва тарзи ҷолиби баён тавонист диққати моро пурра ҷалб намояд. Ҳар як ашё ва гӯшаи осорхона бо шарҳи муфассал ва шавқовар пешниҳод мегардид, ки ин сатҳи фаҳмиши моро хеле баланд намуд.

Ҳанӯз аз лаҳзаи ворид шудан эҳсос мешуд, ки мо ба муҳите қадам мегузорем, ки ҳар гӯшааш аз таърих ва фарҳанг қисса мекунад. Дар оғози тамошо мо бо тарҳи бинои аввали донишгоҳ шинос шудем, ки рамзи оғози фаъолияти он ба ҳисоб меравад. Ин тарҳ нишон медиҳад, ки донишгоҳ аз як муассисаи хурд ба маркази бузурги илмӣ-таълимӣ табдил ёфтааст.

Дар яке аз гӯшаҳо манзараи табиат бо муҳити сабзу хуррам ва намунаҳои ҳайвоноти ваҳшӣ таҷассум ёфта буд, ки робитаи зичи табиат ва таърихро нишон медод. Қисмати дигар ба фаъолияти донишгоҳ бахшида шуда буд, ки дар он аксҳои шахсиятҳои ин даргоҳро хатм намуда, аз рӯзҳои таъсисёбӣ то имрӯз ҷойгир буданд. Ин гӯша нишон медиҳад, ки пешрафти донишгоҳ натиҷаи заҳмати наслҳои зиёди омӯзгорон мебошад.

Ҳамчунин харитаи Тоҷикистон ва аксҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷойгир буданд, ки дар дили мо ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба қаҳрамононро бедор карданд. Дар осорхона аксҳои ҷойҳои намоёни кишвар, аз ҷумла Майдони Истиқлол, бинои Парлумон ва муҷассамаи Исмоили Сомонӣ низ ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар қисми дигари осорхона мо бо дастнависҳои қадима шинос шудем. Китобҳое, ки бо хатти ниёгон навишта шудаанд, арзиши бузурги таърихӣ доранд. Ҳангоми тамошои онҳо чунин эҳсос мекардем, ки саҳифаҳои таърих зинда шудаанд. Ҳамчунин тасвирҳои тиҷорати гузашта, расмҳои шахсиятҳои таърихӣ ва расми ёдгориҳо диққати моро ҷалб карданд.

Ин сафар барои мо хеле хотирмон гардид. Мо дарк намудем, ки осорхона танҳо ҷойи тамошо нест, балки макони омӯзиш, тарбия ва худшиносии миллӣ мебошад. Он ба ҳар як донишҷӯ мефаҳмонад, ки гузашта пояи имрӯз ва ояндаи мост.

Дар маҷмӯъ, тамошои осорхонаи донишгоҳ ҷаҳонбинии моро васеъ намуда, ҳисси ифтихори миллӣ ва шавқи омӯзиши таърихро боз ҳам зиёд гардонд. Бовар дорем, ки чунин сафарҳо барои ҳар як донишҷӯ муҳим аст, зеро онҳо моро ба решаҳои худ наздик месозанд ва масъулияти моро дар назди миллат бештар мегардонанд.

**Оре ба гузаштагони худ менозем,**
**Имрӯзаи худ чун дигарон месозем.**
**То ин ки ҳаёти дигаре оғозем,**
**Ҷон дар раҳи ояндаи худ мебозем.**

**Донишҷӯёни курси 4-уми факултети таърих ва ҳуқуқ**

# ДУШАНБЕ – ШАҲРИ СУЛҲУ ВАҲДАТ

**Ҳар як сокини Тоҷикистон ҳуқуқи маънавии комил дорад, ки ба номи Ватан ва пойтахти он – шаҳри Душанбе ифтихор дошта бошад, зеро Душанбе гаҳвораи эҳёи миллати тоҷик ва ягонагии ормонҳои тоҷикон мебошад».**

**Пешвои миллат**
**муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**



**Олимзода Маҳбуба Олим, омӯзгори Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи №2 барои хонандагони болаёқат"-и шаҳри Душанбе**

Аз 1-уми марти 2005 инҷониб дар кишвар тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳафтаи сеюми моҳи апрел ҳамчун «Рӯзи пойтахт» бо шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Пойтахт ҳамрадифи муқаддасоти миллие, амсоли Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ рамзи давлатдорӣ эътироф шуда, муҳимтарин аломати муаррифии давлат маҳсуб меёбад. Дараҷаи ташаккул ва тавсеаи давлатдории навини мо ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амнияти пойтахти нозанинамон иртиботи зич дорад. Пойтахт набз ва меҳвари сиёсати умумимиллист, ки тамоми равандҳои давлатдорӣ маҳз аз ҳамин ҷо маншаъ гирифта, ба тамоми манотиқи кишвар паҳн мегардад. Душанбеи зебо мо яке аз абзорҳои асосии худмуайянкунии тоҷикон аст. Барои сиёсатшиносону сиёсатмадорон шаҳри Душанбе меҳвари сиёсату маъмурият, барои иқтисодчиён шаҳри шуғл, савдою саноат, барои меъморон шаҳри иншооту ёдгориҳо ва барои омма шаҳри ваҳдату якдилӣ ва орзую ормонҳост.

Ҷойгоҳи хоссаи пойтахт дар он зоҳир мегардад, ки муҳимтарин равандҳои сиёсӣ: маъракаҳои бузурги давлатӣ, чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ дар ин шаҳр оғозу анҷом меёбанд. Пойтахт дорои иртибототи васеи байналмилалӣ буда, макони ташрифи намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, созмонҳои фаромиллӣ, бонкҳо ва ғайра аст. Яъне, амалан, хориҷиён дар симои пойтахт Тоҷикистонро ва дар симои Тоҷикистон пойтахти зебоямонро мебинанд.

Душанбеи имрӯза, ки аз зебоиаш меҳмонон ангушти ҳайрат мегазанд, шаҳри бостониву таърихист.

Душанбе шаҳри зебои тоҷикон буда, имрӯз пойтахти Тоҷикистони азизамон мебошад. Ҳамаи мо медонем, ки Душанбе пеш аз Инқилоби Октябр як деҳаи хурдакаки камаҳолӣ буд. Бо вуҷуди хурд буданаш дар Бухорои Шарқӣ бо бозорҳои калони хариду фурӯши мол маълуму машҳур буд. Одамон аз гирду атроф ва кӯҳистонҳои дурдаст ба ин ҷо омада, молу маҳсулоташонро мефурӯхтанду маводи рӯзгорро харида бармегаштанд.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар Душанбе қалъаи мир, қозихона, дорухона, шифохона ва чойхонаҳо амал мекарданд. Мардуми он соҳаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ, пахтакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, оҳангарӣ, кулолгарӣ, чармгарӣ ва ғайра машғул буданд.

Аз соли 1924 Душанбе ҳамчун пойтахти Тоҷикистон шинохта шуд. Душанбе рӯз ба рӯз тараққӣ карда, ба маркази нави иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии тоҷикон мубадал гашт. Барои пешрафт ва тараққиёти пойтахт бунёди роҳҳои мошингард, роҳи оҳан, фурудгоҳу роҳҳои ҳавоӣ лозим буд. Мардуми заҳматкаши Душанбе, ноҳияҳои гирду атроф ва халқҳои бародар дар як муддати кӯтоҳ ин шаҳрро обод карданд, ки биноҳои боҳашамати замонавӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, марказҳои бузурги фарҳангӣ то ҳол зеби пойтахт мебошанд.

Душанбе дар давоми солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ аз як деҳаи хурди назарногир ба як шаҳри азиму зебои саноатӣ табдил ёфт. Заводу фабрикаҳо, комбинату, иншоотҳои гуногун қомат афрохтанд.

Марказҳои бузурги илмию фарҳанг, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, Театри академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, мактабҳои нави замонавӣ бунёд гардиданд. Донишгоҳу донишкадаҳои олӣ бунёд шуданд, ки ҳазорон мутахассисони баландихтисосро тайёр намуда, ба хизмати халқ равона намуданд. Дар натиҷа Душанбе яке аз марказҳои бузурги илмию фарҳангии Тоҷикистон гардид.

Душанберо барҳақ шаҳри ҷавонӣ меноманд, зеро ин шаҳр маҳз бо дасти ҷавонони боору номуси халқи тоҷик бунёд гардидааст.

Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ шаҳри азизи мо Душанбе аз ҳама бештар зарар дида бошад ҳам, дар як муддати кӯтоҳ бо азму талош ва заҳматҳои сокинони он барқарор гардид. Биноҳои баландошёнаи замони нав қомат рост карданд, ки симои шаҳрро боз ҳам зебову дилоротар гардониданд.

Сад шукри истиқлол, ки Тоҷикистонро дигар давлатҳо ҳамчун давлати соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёду демократӣ шинохтанд ва бо он робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд. Дар шаҳри Душанбе сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ва намояндагии созмонҳои минтақавию байналмилалӣ фаъолият доранд.

Вақте ки мо ҳамарӯза дар кӯчаҳои он қадам мегузорем, гулгашту хиёбонҳои шукуфони он ба дили мо шодию фараҳ мебахшад. Мардуми шаҳр пайваста барои ободии шаҳр ва тозагии он кӯшиш мекунанд. Ҳар сол барои боз ҳам зеботару дилчасптар намудани кӯчаю хиёбонҳои шаҳр, дар фасли баҳорон ниҳолу дарахтони ороишӣ ва гулҳои рангоранг мешинонанд.

Санги асосии бозсозии Душанберо дар давроні истиқлоли давлатиамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштанд. Аз рӯзҳои нахустине, ки пойи муборакии ин фарзонафарзанди миллат ба пойтахт расид, гӯё ки шаҳри хуфта бедор шуд, ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ оғоз гашт. Нақшаҳои ояндасозонаи Пешвои миллатамонро Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар амал татбиқ карда, Душанберо дар як муддати кӯтоҳе ба гулшаҳри афсонавии минтақа табдил доданд.

Фидокорию ояндаафрӯзии роҳбари нексиришту некрой ва кордону миллатфидо муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва шоистакориҳояшон ҷиҳати гулбадомонии пойтахт намунаи олии парастишу арҷгузории ғояи олии меҳанпарастӣ ҳасту дар олам назир надорад. Душанбеи нозанин аз баракати ин шаҳрдори зебоиофар гулбасар шуд, нозанинтар шуд, дар тамоми ҷаҳон машҳур шуд, ифтихори ҳар ватанпарвар шуд!

**Рустами мо ин Душанберо**
**гулистон кардааст,**
**Ин маконро бо талошаш боғу**
**бӯстон кардааст.**
**Бо саодат, бо саховат, бо садоқат**
**бар Ватан,**
**Ӯ Душанберо баҳори сулҳу**
**эҳсон кардааст.**

Хулоса, шукронаи ваҳдат ва тинҷию оромӣ, ки Душанбе рӯз то рӯз симои худро дигар мекунад. Биноҳои зебои замонависохт имрӯзҳо ба ҳусни зебои шаҳр ҳусни тозае зам мекунад.

Имрӯз пойтахти давлати тоҷикон шаҳри Душанбе яке аз марказҳои муттаҳидсозандаи тоҷикону форсизабонони ҷаҳон гардидааст.

# НАИЛУЧШИЕ ДОСТУПНЫЕ ТЕХНОЛОГИИ СТУПЕНЬ К СОЗДАНИЮ ЗЕЛЁНОГО ПРОИЗВОДСТВО

**Современные требования к промышленности ориентированы на снижение негативного воздействия на окружающую среду, повышение эффективности использования ресурсов и переход к устойчивым моделям развития. В этом контексте ключевым инструментом становится концепция НДТ – Наилучших Доступных Технологий (в англ. BAT – Best Available Techniques).**

НДТ – это не просто набор современных технологий, а комплексный подход, позволяющий предприятиям снижать нагрузку на природу и повышать конкурентоспособность. Применение НДТ служит важным этапом на пути к зелёному производству.

1. Почему НДТ – это основа зелёного производство?

Потому что применяя НДТ, предприятия:

- переход от «устранения загрязнений» к их предотвращению;

- оптимизируют расход энергии и сырья;

- внедряют циклические и малоотходные процессы;

- увеличают срок службы оборудования и продукции.

2. Принципы НДТ как шаг к зелёного экономике

Основные принципы НДТ:

- Предотвращение загрязнений, а не их ликвидация постфактум.

- Ресурсная эффективность – снижение потребления воды, энергии, сырья.

- Применение инноваций – передовые методы очистки, цифровые технологии, Автоматизация.

- Экологическая прозрачность-мониторинг и отчётность.

- Технологическая и экономическая реализуемость – НДТ выбираются так, чтобы быть доступными для предприятия.

Эти принципы полностью соответствуют модели зелёной экономики, основанной на рациональном природопользовании и устойчивом развитии. Применение НДТ в контексте Таджикистан – вызовы и перспективы

- В Таджикистане законодательство и практика предполагают, что при оценке воздействия предприятий на окружающую среду используется подход на основе НДТ.

- В документах проектирования и экологической оценки новых или реконструируемых предприятий часто указывается, что «проектируемые объекты, оказывающие значительное негативное воздействие на окружающую среду, должные работать с учётом применения лучших –доступных технологий».

- Однако, насколько широко и системно НДТ применяются на практике в Таджикистане – зависит от конкретного предприятия, отрасли, наличия ресурсов, технической и финансовой способности внедрять такие технологии. В отчётах по экологии и устойчивому развитию периодически подчёркивается необходимость стимулирования применения НДТ.

Мой взгляд на роль НДТ в зелёного трансформации

На мой взгляд, НДТ – это один из самых здравых и прагматичных путей к зелёному производству.

Почему? потому что НДТ – это не революция, а эволюция.

Мы слишком долго жили в парадигме: « Производить любой ценой, а потом постараться исправить ущерб».

НДТ же предлагает другой подход: «Сделай процесс таким, чтобы ущерба изначально не было или он был минимален».

Это намного мудрее и дешевле в долгосрочной перспективе.

НДТ – это не только про природу, это ещё и про культуру управления

НДТ меняет мышление на предприятиях.

Появляется логика:

- не «какие фильтры купить, чтобы очистить выбросы?»

А «как избежать этих выбросов в принципе?»

- не «куда деть отходы?»

А «как их не создавать?»

- не «как уменьшить штрафы?»

А «как сделать бизнес эффективнее и чище?»

Таким образом, НДТ становится языком новой управленческой культуры- культуры ответственности, точности и эффективности.

НДТ – это ступень, но не конечная цель

Если честно, НДТ – это ещё не зелёное производство в чистом виде.

Это база, фундамент.

НДТ создаёт условия, при которых предприятия может уже позже:

- перейти к безотходным моделям,

- использовать возобновляемую энергию,

- внедрять циркулярную экономику,

- работать с углеродным следом.

Без НДТ это почти невозможно – как строить второй этаж без первого.

Мой итоговый вывод

НДТ – это не просто техническая тема.

Это переосмысление отношения человека к производству.

Если следовать этой логике, то зелёное производство – не что-то далёкое и идеализированное.

Это практичный результат внедрения лучших технологий, лучших подходов и лучшего мышления.




**Муродова Сафина,
студентка 3 курса специальности
«Финансовый менеджмент»
факультета экономики и управления
Научный руководитель:
Мирзоев С.Д.**

И в этом смысле НДТ – действительно ступень к зелёному будущему, доступная уже сегодня.

Заключение. Внедрение НДТ – ключевой шаг к формирования зелёного производства, способного обеспечить устойчивое развитие, экономическую эффективность и минимальное воздействие на природу. Это не только требование времени, но и стратегическая возможность для предприятий быть конкурентоспособными, экологическими и инновационными.

НДТ – это мост между современной промышленностью и зелёным будущим.

# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛ ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОН



**Замира Самадова,
мудири кафедраи таърих ва
ҷомеашиносии Коллеҷи
омӯзгории ба номи Хосият
Махсумоваи ДДОТ ба номи С Айнӣ**

**Истиқлоли давлатӣ барои ҳар миллат бузургтарин неъмат ва арзиши муқаддас ба шумор меравад. Барои мардуми тоҷик низ ба даст овардани Истиқлолият оғози марҳилаи нави таърихӣ гардид, ки бо эҳёи давлатдорӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва болоравии нуфузи байналмилалии кишвар тавъам аст. Эълон гардидани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 барои халқи тоҷик рӯйдоди сарнавиштсоз буд, зеро баъди солҳои тулонӣ миллат соҳиби давлати мустақил гардид ва имкони мустақилона муайян намудани роҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро пайдо кард.**

Солҳои аввали Истиқлолият барои Тоҷикистон давраи ниҳоят ҳассос ва пурпечутоб буданд. Буҳрони сиёсӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ рушди давлатро ба мушкил рӯ ба рӯ намуд. Дар чунин шароити душвор масъалаи ҳифзи давлатдорӣ, таъмини сулҳу субот ва барқарор намудани сохтори идоракунӣ вазифаи аввалиндараҷа гардид. Бо талошҳои пайгиронаи роҳбарияти давлат ва иродаи мардуми кишвар, тадриҷан заминаҳои сулҳу оромӣ фароҳам омаданд. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 барои Тоҷикистон оғози давраи нави созандагӣ гардид.

Баъди барқарории сулҳ Тоҷикистон ба марҳилаи рушди устувор ворид шуд. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили ниҳодҳои давлатӣ, ислоҳоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ нақши муҳим бозиданд. Конститутсия ҳамчун санади асосии давлат ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро кафолат дода, Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ муаррифӣ намуд.

Дар солҳои истиқлолият иқтисодиёти миллӣ тадриҷан рушд ёфт. Агар дар солҳои аввал кишвар бо мушкилоти шадиди иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд, имрӯз Тоҷикистон дар роҳи саноатикунонии босуръат қарор дорад. Бунёди роҳҳо, нақбҳо, пулҳо, неругоҳҳои барқӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншооти муҳимми иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки давлат ба рушди инфрасохтор аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, роҳҳо аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ барои пешрафти кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

Яке аз дастовардҳои муҳимми давррони Истиқлолият рушди соҳаи энергетика мебошад. Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ аст, дар ин самт корҳои назаррас анҷом додааст. Ба истифода додани неругоҳҳо ва таҷдиди шабакаҳои энергетикӣ имконият фароҳам оварданд, ки таъминоти неруи барқ беҳтар гардад. Идомаи сохтмони иншооти бузурги энергетикӣ барои ояндаи иқтисодии кишвар аҳаммияти калон дорад.

Соҳаи иҷтимоӣ низ дар солҳои истиқлолият ба пешрафтҳои назаррас ноил гардид. Дар самти маориф садҳо муассисаи таълимӣ бунёд ва таҷдид шуда, имкониятҳои таҳсил барои ҷавонон васеъ гардиданд. Омӯзиши технологияҳои муосир, забонҳои хориҷӣ ва ихтисосҳои нав ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад. Дар соҳаи тандурустӣ низ сохтмони беморхонаҳо, марказҳои тиббӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ аз сиёсати иҷтимоии давлат шаҳодат медиҳад.

Фарҳанг ва худшиносии миллӣ низ дар давраи Истиқлолият рушд ёфтанд. Эҳёи суннатҳои миллӣ, таҷлили ҷашнҳои таърихӣ, гиромидошти шахсиятҳои барҷаста ва рушди забони давлатӣ барои таҳкими ҳувияти миллӣ мусоидат намуданд. Мардуми тоҷик имрӯз бо таърихи пурғановат ва фарҳанги қадимаи худ ифтихор мекунанд.

Дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати сулҳҷӯ ва ташаббускор шинохта шудааст. Пешниҳодҳои байналмилалӣ дар самти обу иқлим, ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷаҳонӣ ва иштироки фаъол дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ обрӯи кишварро боло бурданд. Тоҷикистон имрӯз бо бисёр давлатҳои ҷаҳон муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд дорад.

Ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа дар сиёсати давлатӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Дар солҳои Истиқлолият барои таҳсил, рушди қобилият, соҳибкасбӣ ва иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Зеро ояндаи давлат ба дониш, ҷаҳонбинӣ ва масъулиятшиносии насли ҷавон вобаста мебошад.

Таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ барои ҳар шаҳрванди Тоҷикистон фурсати муносибест, то ба роҳи тайшуда назар афканад ва аз дастовардҳои миллӣ ифтихор намояд. Ин ҷашн на танҳо санаи таърихӣ, балки рамзи озодӣ, сулҳ, ваҳдат ва пешрафт мебошад. Дар тули сию панҷ сол Тоҷикистон аз марҳилаҳои душвор гузашта, имрӯз ба кишвари рӯ ба рушд табдил ёфтааст.

Хулоса, Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон неъмати бебаҳо ва сарчашмаи ҳамаи пешрафтҳо мебошад. Ҳифз ва таҳкими он вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванди ватандӯст аст. Мардуми тоҷик бо иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ метавонанд дар солҳои оянда низ ба дастовардҳои бузург ноил гардида, Тоҷикистони азизро боз ҳам ободу пешрафта гардонанд.

# САДРИДДИН АЙНӢ – НОБИҒАИ АДАБ ВА МУАРРИФИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ



Садриддин Айнӣ яке аз бузургтарин ва барҷастатарин чеҳраҳои таърихи миллати тоҷик ба шумор меравад. Номи ӯ бо эҳёи фарҳанг, рушди адабиёти миллӣ ва бедории маънавии ҷомеа пайванди ногусастанӣ дорад.

Ӯ на танҳо нависандаи тавоно, балки мутафаккир, омӯзгор, олим ва муборизи роҳи ҳақиқат буд, ки тамоми умри худро ба хизмати халқ бахшидааст. Садриддин Айнӣ 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи аморати Бухоро ба дунё омадааст. Зиндагии кӯдакии ӯ дар шароити душвор ва пурмашаққат гузаштааст. Ӯ барвақт аз падару модар маҳрум шуда, рӯзгори сахтро аз сар гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, муҳаббат ба илму дониш ӯро водор намуд, ки таҳсилро дар мадраса идома диҳад. Дар ҳамин ҷо ӯ бо адабиёти классикӣ ошно гардида, ҷаҳонбинии худро васеъ намуд. Таҷрибаҳои талхи зиндагӣ ва мушоҳидаҳои амиқи иҷтимоӣ баъдан дар осори ӯ хеле равшан инъикос ёфтанд.

Фаъолияти эҷодии устод дар давраи пуртазоди таърихӣ оғоз ёфт, ки ҷомеа ба ислоҳоту тағйироти ҷиддӣ ниёз дошт. Ӯ бо ҷасорат ва ростқавлӣ дар асарҳои худ ҳолати воқеии зиндагии мардумро инъикос мекард. Асарҳои маъруфи ӯ, аз ҷумла «Одина», «Дохунда», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» намунаҳои барҷастаи реализми адабӣ мебошанд. Дар ин асарҳо Айнӣ азобу машаққати мардум, зулму истисмор ва ҳаҷолати иҷтимоиро фош намуда, хонандаро ба фикру андеша ва мубориза барои зиндагии беҳтар даъват мекунад.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои фаъолияти Садриддин Айнӣ хизмати ӯ дар соҳаи маориф мебошад. Ӯ яке аз аввалин маорифпарварони тоҷик ба ҳисоб меравад, ки барои ҷорӣ намудани усули нави таълим (ҷадидия) талошҳои зиёд анҷом додааст. Ӯ дарк мекард, ки бе рушди маориф ва саводнокии мардум пешрафти ҷомеа ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ӯ китобҳои дарсӣ таълиф намуда, кӯшиш мекард, ки таълимро барои кӯдакон содда, равшан ва дастрас гардонад. Ӯ инчунин барои тарбияи насли нав — насли босавод, худогоҳ ва ватандӯст саҳми бузург гузошт. Дар баробари ин, Садриддин Айнӣ дар ташаккули забони адабии тоҷик нақши ниҳоят муҳим бозидааст. Ӯ бо осори худ барои такомули забони миллӣ замина гузошта, онро ба сатҳи нав баровард. Забони асарҳои ӯ содда, равон ва ба мардум наздик буда, барои рушду густариши адабиёти тоҷик хизмат кардааст. Ҳамчунин, ӯ ҳамчун адабиётшинос ва таърихнигор мероси гаронбаҳои гузаштагонро таҳқиқ намуда, барои ҳифз ва омӯзиши он саҳми арзанда гузошт. Бо мақсади гиромидошти хизматҳои бузурги ин шахсияти нодир, номи ӯ имрӯз дар саросари Тоҷикистон бо эҳтироми баланд ёд мешавад. Ба номи ӯ муассисаҳои зиёди илмию фарҳангӣ гузошта шудаанд, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, осорхонаи адабии ӯ дар шаҳри Душанбе, боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, инчунин кӯчаҳо, мактабҳо ва китобхонаҳои сершумор. Ин ҳама нишонаи эҳтиром ва қадршиносии мардум нисбат ба хизматҳои беназири ӯ мебошад. Бо қадрдонии саҳми бузурги ӯ дар рушди давлат ва миллат, 8 сентябри соли 1997 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*(Идома дар саҳ. 7)*

# АРҶГУЗОРӢ БА УСТОДИ СОҲИБМАКТАБУ ИНСОНГАРО



**«Муаллим ақл, шарафу виҷдон ва симои асосии ҷомеа мебошад. Ӯ донишу заковат ва гармии дили худро бедареғ ба шогирдони худ мебахшад ва аз ин амр худро хушбахт мешуморад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар зиндагии ҳар инсон устодон ҷойгоҳи хос доранд. Онҳо бо донишу таҷриба, сабру таҳаммул, меҳрубонӣ ва ҷидду ҷаҳди пайвастаи худ дар ташаккули шахсияти шогирдон нақши сарнавиштсоз мегузоранд. Бо камоли эҳтиром ба ҳамаи устодоне, ки дар давраи таҳсил ва фаъолияти касбии ман ба ман таълим дода, роҳнамоӣ намудаанд, самимона сипосгузорӣ менамоям. Ҳар як сухан, ҳар як дарс ва ҳар як маслиҳати эшон барои ман арзиши бузург дошт ва дорад.

Бо вуҷуди ин, дар миёни ин ҳама устодони гиромӣ шахсият ва олимест, ки нақши ӯ дар зиндагии ман ба таври вижа эҳсос мешавад. Ин интихоби ман на аз рӯйи қиёс ё ҷудо кардани дигарон, балки аз рӯйи самимият, муҳаббат ва миннатдорӣ нисбат ба таъсири амиқи роҳнамоии устод дар ҳаёти шогирдон аст.

Дар таърихи таҳсилоти олӣ ва илми Тоҷикистон номҳои устодоне, ки бо дониш, меҳнати пуршараф ва садоқат ба илм хидмат кардаанд, ҳамеша бо эҳтиром ёд мешаванд. Яке аз чунин шахсиятҳои барҷаста — номзади илмҳои биологӣ, дотсент Савлатов Саид мебошад, ки фаъолияти таълимӣ ва илмии ӯ ба садҳо донишҷӯ ва кормандӣ илмӣ манфиати илмию маънавӣ расонидааст.

Устод Савлатов Саид 17 майи соли 1940 дар деҳаи Чихоҳи ноҳияи Ванҷ ба дунё омада, аз овони ҷавонӣ роҳи илму маърифатро пеш гирифт. Таҳсил дар Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ва фаъолияти минбаъдаи илмӣ ва омӯзгории ӯ гувоҳи равшани он аст, ки интихоби ин роҳ бар пояи муҳаббат ба табиат, илм ва таълим сурат гирифта буд. Барои устод илм на танҳо касб, балки рисолати зиндагӣ маҳсуб меёфт.

Устод С. Савлатов мутахассиси баландпоя дар соҳаи генетика ва биологияи умумӣ мебошад. Фаъолияти меҳнатии ӯ аз зинаҳои гуногуни омӯзгорӣ оғоз ёфта, тадриҷан ба сатҳҳои баланди илмӣ ва роҳбарӣ расидааст. Ӯ ҳамчун ассистент, дотсент, мудири кафедраи зоология ва муовини декани факултети биология оид ба корҳои илмӣ фаъолият намуда, дар рушди инфрасохтори илмӣ ва таълимии донишгоҳ саҳми арзанда гузоштааст.

Дар фаъолияти касбии устод корҳои илмӣ ва методӣ мақоми махсус доранд. Ӯ муаллифи зиёда аз 68 мақолаи илмӣ ва илмию методӣ буда, як қатор китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимиро барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ таҳия намудааст. Аз ҷумла, китобҳои дарсии «Биологияи умумӣ (синфҳои 10–11)», «Генетика (курси мухтасар)», «Дастури таълимӣ оид ба ҳалли масъалаҳои биологӣ» ва дигар таълифоти ӯ то имрӯз дар раванди таълим васеъ истифода мешаванд. Иштироки фаъоли устод дар таҳияи стандарти давлатии фанни биология барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ далели равшани саҳми ӯ дар рушди маорифи миллӣ мебошад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои илмӣ ва унвонҳои касбӣ, бузургтарин арзиши устод дар муносибат бо шогирдон зоҳир мегардид. Барои мо, шогирдонаш, устод Савлатов Саид на танҳо омӯзгори фан, балки устоди андеша, ахлоқ ва масъулияти касбӣ буд. Ӯ пайваста таъкид менамуд, ки омӯзгор пеш аз ҳама бояд инсони боинсоф, таҳаммулпазир ва содиқ ба касби худ бошад.

Дар ҳамин замина мехоҳам яке аз лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи ҳаёти касбии худро ёдовар шавам. Пас аз хатми донишгоҳ муддате бо кӯмаки бевоситаи устод дарсҳои семинариро мегузарондам. Ин давра барои ман марҳалаи муҳимми ташаккули касбӣ буд. Баъдан, бо сабабҳои оилавӣ ва ба воя расонидани фарзанд, ба рухсатии меҳнатии дарозмуддат баромадам.

Пас аз бозгашт ба фаъолияти омӯзгорӣ бо мушкилоте рӯ ба рӯ шудам, ки барои омӯзгори ҷавон метавонад ноумедкунанда бошад: бинобар набудани соатҳои дарсӣ, имкони идомаи фаъолият маҳдуд гардид. Дар ҳамин лаҳза устод Саид Савлатов бо тасмими инсонгароёна ва масъулиятшиносии хоси худ дар ҷаласаи кафедра масъалагузорӣ намуда, қисме аз соатҳои дарсии худро ба ман доданд ва худ соатҳои боқимондаро аз кафедраи дигар пурра карданд.

Ин амал барои ман на танҳо дастгирии касбӣ, балки пуштибонии бузурги маънавию инсонӣ буд. Он ба ман эътимод бахшид, роҳи маро дар илм устувор намуд ва дарси нодире аз ахлоқи омӯзгорӣ омӯзонд. Ин лаҳза ҳеҷ гоҳ аз хотирам намеравад ва имрӯз низ дар фаъолияти касбии худ онро ҳамчун меъёри инсонгароӣ роҳнамо қарор додаам.

Имрӯз, гарчанде устод Савлатов Саид чанд сол боз бинобар ба нафақа баромадан ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул нестанд, мероси илмӣ ва хислатҳои инсонии эшон дар хотири шогирдон ва ҳамкорон ҷовидона боқӣ мондааст. Ҳамчун шогирди устод, эҳтироми амиқи худро ба шахсияти ӯ баён намуда, аз Худованди мутаол ба эшон саломатӣ ва умри дароз орзу менамоям.



**Саодатхонова Дунёбегим, ассистенти кафедраи биохимия ва генетика**

Мукофотҳо ва унвонҳои давлатӣ, аз ҷумла нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», нишонаи эътирофи расмии заҳмати чандинсолаи устод мебошанд. Аммо барои мо, шогирдон, ифтихори бузургтар аз ҳама — шогирди чунин устод будан аст.

Ҳамчун як шогирд бо камоли самимият арҷгузории бепоёни худро ба устод Савлатов Саид чун падари маънавӣ баён менамоям. Ӯ барои ман на танҳо муаллим ва олим, балки шахсияти барҷаста, намунаи зиндаи инсони пуршарафу донишманд, боинсоф ва меҳрубон боқӣ хоҳад монд.

Ба умед мегӯям:

**Ба шогирдӣ ҳар он к-ӯ шод гардад,**
**Расад рӯзе, ки худ устод гардад.**

# ЯКЕ АЗ ПОЯГУЗОРОНИ МАКТАБИ АЙНИШИНОСӢ

**Устод Носирҷон Маъсумӣ аз ҷумлаи он донишмандони замони худ буданд, ки бо истеъдод ва донишу маърифати ба худ хоси илмиашон дар инкишофи самтҳои асосии илми филология аз қабили забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ саҳми калон гузоштаанд. Таҳқиқотҳои бунёдию мондагори эшон дар заминаҳои мазкур равияву тамоилҳои ҷадиду шоистаеро боз карданд, ки онҳо то имрӯз ба ҳайси консепсияҳои устувори илмӣ дар пажӯҳишҳои шогирдону пайравонашон, ки аксарашон донишмандони соҳибмактаби замони мо маҳсуб мешаванд, идома ва тақвият меёбанд. Ба қавли устоди зиндаёд Муҳаммад Осимӣ «Шавқи дили ӯ, дониши фаровони вай ба хазинаи маданияти тоҷик дороиҳо афзуд, ҳар коре, ки ӯ бар ӯҳда дошт, бо дили аз ишқ саршор анҷом дод, дар ҳалли онҳо маҳорати фавқулодда ва ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи васеъ зоҳир кард. Адабиётшиносӣ ва тадқиқи эҷодиёти даҳонакии халқ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва луғатсозиву луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва омӯзиши таърихи забон, шеъру шоирӣ аз хидматҳои ин марди дарёдил ба пояҳои нави инкишоф расиданд».**

Дар қатори риштаҳои мазкури илми филология, метавон Н. Маъсумиро ба ҳайси яке аз поягузорони мактаби айнишиносии тоҷик ба шумор овард. Зеро эшон ҳанӯз дар замони зиндагии устод С. Айнӣ ба таҳқиқи осору афкори ӯ пардохта, дар тӯли умри бобаракату олимонаи худ ҳаргиз аз ин пеша дур нашудаанд. Дар ин фишурда меҳоҳем таваҷҷӯҳи аҳли назарро ба яке аз таҳқиқотҳои нахустин ва муҳимми устод Н. Маъсумӣ таҳти унвони «Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ» ҷалб намоем, ки дар он яке аз асарҳои муҳиму дорои шӯҳрати ҷаҳонии С. Айнӣ «Марги судхӯр» мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин пажӯҳиш солҳои 1952-1954 анҷом дода шудааст. Дар оғоз муҳаққиқ масъалаҳои асосии айнишиносии замони худро ба таври куллӣ ба миён гузошта, таъкид менамояд, ки «Асарҳои Айнӣ таърихи ба таври адабӣ-бадеӣ тасвирёфтаи халқи тоҷик мебошад». Ва тавассути нақду баррасии пурдоманаи қиссаи «Марги судхӯр» ба таври илмӣ собит месозад, ки Айнӣ воқеан, дар мақоми «санъаткори бузург» аст.

Ин пажӯҳиши Н. Маъсумӣ сарфи назар аз замону макони ба анҷом расидани он яке аз таҳқиқотҳои муҳимми илмӣ перомуни «Марги судхӯр» аст, ки он бо гузашти замон, тағири афкору андешаи сиёсӣ ва илмию адабӣ арзиши худро кам насохтааст. Чунки дар ҳамон давра устод Н. Маъсумӣ сарфи назар аз фишорҳои мафкуравӣ кӯшидаанд, ки асари С. Айниро сирф аз нигоҳи адабию ҳунарӣ баррасӣ намуда, моҳияти «Марги судхӯр» ва арзиши адабии онро холисонаю олимона ошкор созанд. Ба ҳамин хотир дар таҳқиқоти мазкур муаллиф асосан ба ҷанбаҳои ҳунарии асар, асрори шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани он диққат додааст. Вай моҳияти масъалаи «асосгузори сабки реализми сотсиалистӣ» ва насри ҷадиди тоҷикӣ шинохта шудани устод Айниро аз тариқи равшан намудани сарчашмаҳои асосии эҷодиёти нависанда ошкор месозад: «Такомули тадриҷии эҷодиёти бадеии Айнӣ ба якчанд сарчашмаи муҳим вобастагии мустаҳкаме дорад. Айнӣ донишманди бузурги адабиёти классикии тоҷик ва забони адабӣ, донишманди эҷодиёти халқ ва забони зиндаи умумихалқӣ, шахси пурдида ва пуртаҷриба мебошад. Моҳирона ва эҷодкорона ба ҳам омехтани беҳтарин анъанаҳои насри классикӣ бо эҷодиёти даҳонакӣ ва бо таҷрибаҳои шахсию эҷодии худ, якҷоя ба ҳисоб гирифтани таҷрибахои нави насрнависӣ равияи махсуси С. Айниро ба вуҷуд овардааст». Ин тезиси консептуалии муҳаққиқ то имрӯз дар пажӯҳишҳои зиёде, ки дар робита ба ҳунари адабӣ, корҳои эҷодӣ, поэтикаи наср ва сабку шеваҳои нависандагии Айнӣ ба анҷом мерасонд, матраҳ мебошад. Устод Маъсумӣ дар замоне, ки муҳаққиқон дар мавриди пайванди адабиёти имрӯзаи тоҷик бо адабиёти ҳазорсолаи он хеле боэҳтиёт сухан мегуфтанд, адабиёти классики форсии тоҷикӣ ва махсусан, насри бадеӣ ва осори ҳамосии онро ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои муҳим ва асосии эҷодиёти С. Айнӣ ба шумор меорад ва бо нақду баррасии ҷанбаъҳои ҳунарию сохтории «Марги судхӯр» онро ба субут мерасонад. Вай ба таври мушаххас бартариҳои «Марги судхӯр»-ро аз осори дигари нависанда баршумурда, таъкид менамояд, ки қиссаи мазкур «Аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмуни идеявии худ аз асарҳои дигари С. Айнӣ фарқ мекунад ва дар адабиёти советии мо ҳамчун як асари тамоман нави оригиналӣ мавқеи муҳиме дорад». Дар ин ишораи Н. Маъсумӣ шӯҳрати «Марги судхӯр» ба ҳайси як бозёфти муҳим ва воқеан ҳунармандонаи насри ҷадиди тоҷик пешгӯӣ мешавад. Ба қавли муҳаққиқи дигари эҷодиёти С. Айнӣ М. Имомов «Шӯҳрате, ки қиссаи «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ дар миёни мардумони олам ёфтааст, ба ҳамаи асарҳои ӯ насиб нагардидааст». Баъдан, ин асар дар ҳамаи ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ ва забонҳои дигари дунё борҳо тарҷима ва ба чоп расид, ки он далели падидаи нотакрори адабӣ дар адабиёти ҷаҳон будани асари Айнӣ мебошад. Устод Н. Маъсумӣ сабаби муваффақияти муаллифро дар ин асар танҳо дар ҳунару истеъдоди нигорандагии С. Айнӣ намебинад, балки ӯ заминаҳои воқеию ҳақиқӣ доштани симои бадеии Қорисматро низ таъкид мекунад. Ин ишораи Н. Маъсумиро тақвият дода, муаллифони «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» менависанд: «Ин тип чунон моҳирона ҷамъбаст ва умумӣ кунонида шудааст, ки Қориишкамба дар сафи мумсикон ва пулпарастони адабиёти ҷаҳонӣ ҷойи намоёнеро ишғол менамояд». Воқеан, дар ин асар Айнӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи як судхӯри бухороиро дар рӯзгори иҷтимоии ҳамондавра бо камоли маҳорати адабӣ баён мекунад. Маҳз тавассути қалами тавонои С. Айнӣ симои бадеии шахсияти достонӣ дар ин қисса то ба дарҷаи як образи рамзӣ мерасад. Қориишкамба дар тасвири Айнӣ рамзи бисёре аз қабоҳату разолатҳои замони худ аст, ки он бо гузашти замон, аз ҷумла, дар замони мо ва оянда тадриҷан ба устура табдил меёбад. Дар тасаввури хонандаи имрӯза шахсият ва сарнавишти қаҳрамони С. Айнӣ мисли афсона мебошад.

Устод Н. Маъсумӣ сабаби дигари барори эҷодии С. Айниро ҳангоми офаридани симои Қориишкамба дар маҳорати баланди ҳаҷвнигорӣ ё ба истилоҳи имрӯза сабки танзомези нависанда мебинад. Вай асари сирф танзомез будани «Марги судхӯр»-ро таъкид намуда, таваҷҷӯҳи хонандаро ба моҳияти асари С. Айнӣ ва шахсиятҳои достонии он ҷалб мекунад. Танзу ҳаҷви нависанда ин ҷо на танҳо хусусияти танқидию тамасхурӣ дорад, балки он вазифаҳои муҳимми поэтикӣ ва сабкиро низ иҷро мекунад. Маҳз дар ҳамин асар санъати ҳаҷвнигории С. Айнӣ равшан зуҳур мекунад ва ҷанбаи ҳаётӣ доштани ҳодисаю воқеаҳо ва шахсиятҳои достониро собит месозад. Агар мо ба моҳияти адабию ҳунарии ин паҳлуи сабки адабии устод С. Айнӣ таваҷҷӯҳ кунем, як пайванд ва алоқаи ногусастаниеро байни ҳаҷву танзи Айнӣ ва ҳаҷву танзи Убайди Зоконӣ, Мушфиқӣ, Савдо ва дигар ҳаҷвнигорони адабиёти гузаштаи форсии тоҷикӣ ба мушоҳида мегирем.

Дар заминаи баррасии қиссаи «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ устод Н. Маъсумӣ як ҷиҳати аҷиби қалами нависандаро ба мушоҳида гирифтааст, ки ба он то имрӯз аҳли таҳқиқ камтар таваҷҷӯҳ кардаанд. Ин баёни сухани бадеӣ дар шакли «саҳли мумтанеъ» мебошад: «Як хусусияти санъати эҷодии С. Айнӣ дар повести «Марги судхӯр» иборат аз тасвир ва лавҳанигории «саҳли мумтанеъ» мебошад, ки дар назар осон менамояду дар амал офарида шуданаш душвор аст. Хусусан, дар диалогҳо ва тавсифҳо, тарзи ҷумласозӣ ва ибораорой саҳли мумтанеъ ба дараҷаи ҳайратбахш ба назар мерасад». Муҳаққиқ бо баррасии мисолҳои фаровон хулоса мекунад, ки асоси лавҳанигории «саҳли мумтанеъ» кӯтоҳбаёнист. Ӯ менависад: «Кӯтоҳбаёнӣ ҳамчун як хусусияти хоси дар повести «Марги судхӯр» пурра таҷассумёфтаи услуби эҷодӣ мебошад, ки ҳам дар тасвири характеристикаи воқеа ва прсонажҳо, ҳам дар тарзи диалогсозӣ хеле барҷаста намоён мешавад».



**Шамсиддин Солеҳов, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

Устод Н. Маъсумӣ бо баррасии вежагиҳои сабки адабии нависанда собит месозад, ки С. Айнӣ дар баробари адиби навгаро будан, ба суннатҳои адабии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ арҷгузорӣ намуда, аз ин захираи бойи дастовардҳои ҳунарию поэтикии адабиёти форсии тоҷикӣ, ба ҳайси як меросбари воқеии он дар эҷодиёташ бо камоли ҳунару маҳорати адабӣ босамар истифода кардааст. Чунки Айнӣ, ба қавли устод Н. Маъсумӣ, донишманди бузурги адабиёти классикии тоҷик ва забони тоҷикӣ буд.

Ба таври умумӣ пажуҳиши Н. Маъсумӣ, таҳти унвони «Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ» яке аз аввалин тадқиқотҳоест, дар мавриди қиссаи «Марги судхӯр»-и устод Айнӣ, ки консепсияҳои асосии шинохти илмии насри нависандаро ба миён гузошта буд. Муҳаққиқ бо назари ҷӯянда ва фарогир «Марги судхӯр»-ро нақду баррасӣ карда, роҳро барои ворид гардидан ба ҷаҳони рангини бадеии С. Айнӣ дар ҳамон солҳо боз намуда буд. Аз ин ҷиҳат, метавон устод Н. Маъсумиро аз ҷумлаи поягузорони равияи айнишиносӣ дар улуми адабии садаи XX ба шумор овард.

# НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ПОЙТАХТ ДАР РУШДИ ДАВЛАТ

## (Бахшида ба Рӯзи пойтахт – шаҳри Душанбе)

*Гулшани пурнеъмати*
*даврони ман,*
*Манбаи илҳоми бепоёни ман.*
*Қувва дар дил, нур дар*
*чашмони ман,*
*Ҳам ба ҳар як дарди ман,*
*дармони ман.*
*Ин диёри Тоҷикистони*
*ман аст,*
*Модари дилбанду ҷонони*
*ман аст.*
*(Абдулло Субҳон)*

Пойтахт ҳамчун маркази асосии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар як давлат нақши бисёр муҳим ва ҳалкунанда дорад. Он на танҳо макони ҷойгиршавии мақомоти олии давлатӣ, балки ойинаи рушди ҷомеа, нишондиҳандаи сатҳи тамаддун ва фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз, таваҷҷуҳ ба рушду ободонии пойтахт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳар як давлат маҳсуб меёбад.

Дар ин замина, шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мақоми хосса буда, дар даврони истиқлолият ба марҳилаи нави рушду тараққиёт қадам гузоштааст. Имрӯз Душанбе на танҳо маркази идоракунии давлатӣ, балки маркази муҳимми илму фарҳанг, маориф ва рушди иҷтимоӣ ба шумор меравад. Пойтахт ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ ва муттаҳидии мардум дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши назаррас дорад.

Бо шарофати сиёсати бунёдкорона ва дурбинонаи роҳбарияти олии кишвар, махсусан Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шаҳри Душанбе дар солҳои охир ба таври бесобиқа рушд ёфта, симои муосир касб намудааст. Бунёди роҳҳои замонавӣ, пулу нақбҳо, биноҳои баландошёна, марказҳои маъмуриву фарҳангӣ ва маҷмааҳои истиқоматӣ шаҳодати рав-



шани ин пешрафт мебошанд. Ин ҳама тадбирҳо ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори шаҳр мусоидат менамоянд.

Имрӯз инфрасохтори пойтахт ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад. Дар шаҳр муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ фаъолият доранд, ки барои рушди маънавии ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҳамзамон, сохтмони беморхонаҳо ва марказҳои тиббии замонавӣ сатҳи хизматрасонии тиббиро баланд бардоштааст.

Аз ҷумла, Боғи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, хиёбони Исмоили Сомонӣ, Кӯли ҷавонон ва дигар мавзеъҳои фарҳангиву фароғатӣ ба шаҳри Душанбе ҳусну таровати хос бахшида, онро ба яке аз шаҳрҳои зебои минтақа табдил додаанд. Ин мавзеъҳо на танҳо барои истироҳати сокинон, балки барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ низ аҳаммияти калон доранд.

Бо вуҷуди ин, ободии пойтахт танҳо ба сохтмони иншооти нав вобаста нест. Сатҳи баланди фарҳанг, маърифати экологӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандон низ дар нигоҳдории симои зебои шаҳр нақши муҳим мебозанд. Тоза нигоҳ доштани кӯчаву хиёбонҳо, эҳтиром ба муҳити зист, ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми ҳар як сокини пойтахт ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки нақши ҷавонон дар ин раванд хеле назаррас аст. Ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа метавонанд бо фаъолияти худ дар ободонӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пешбурди ташаббусҳои иҷтимоӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

**Дар канораш нозу ҷавлон мекунам,**
**Хизматашро аз дилу ҷон мекунам.**
**Сурма хокашро ба чашмон мекунам,**
**Ҷон фидои Тоҷикистон мекунам.**
**Тоҷикистон нури чашмони ман аст,**
**Ҳастии ман, фахри ман, шони**
**ман аст.**
**(Абдулло Субҳон)**

Хулоса, шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз на танҳо маркази сиёсиву маъмурӣ, балки рамзи рушду шукуфоии давлат ва нишонаи ифтихори миллӣ ба ҳисоб меравад. Рушди устувори пойтахт омили муҳимми таҳкими пояҳои давлатдорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Бо дарназардошти ин, нигоҳдорӣ ва ободонии пойтахт вазифаи умумимиллӣ буда, саҳми ҳар як шаҳрванд дар ин раванд аҳаммияти калон дорад. Боварии комил аст, ки дар оянда низ шаҳри Душанбе бо заҳмату талошҳои муштараки давлат ва мардум боз ҳам ободтар, зеботар ва пешрафтатар гардида, ба яке аз шаҳрҳои намунавии минтақа табдил хоҳад ёфт.



**Шарипова Гурдофарид, донишҷӯи курси 1-уми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

# САДРИДДИН АЙНӢ – НОБИҒАИ АДАБ ВА МУАРРИФИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 5)*

Эмомалӣ Раҳмон ба Садриддин Айнӣ унвони олии давлатӣ — «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд. Ин унвони баланд далели равшани ҷойгоҳи бузурги ӯ дар таърихи миллат мебошад.

Ҳар сол 15 апрел рӯзи таваллуди устод бо эҳтироми хоса таҷлил мегардад. Дар соли 2026 148-солагии Садриддин Айнӣ ҷашн гирифта мешавад, ки ин боз як имкони хубест барои бознигарӣ ва омӯзиши амиқи мероси адабӣ ва маънавии ӯ. Садриддин Айнӣ на танҳо дар давраи худ, балки барои наслҳои оянда низ намунаи ибрат аст. Ӯ бо ҷасорат бар зидди ҷаҳолат мубориза бурда, мардумро ба илму дониш, худшиносӣ ва озодӣ даъват намудааст. Осори ӯ то имрӯз аҳамияти худро гум накарда, ҳамчун мактаби бузурги тарбиявӣ хизмат мекунад. Илова бар ин, Садриддин Айнӣ дар таҳкими худшиносии миллӣ нақши басо муҳим бозидааст. Ӯ дар осори худ таърихи гузашта, фарҳанг ва арзишҳои миллиро зинда намуда, ҳисси ифтихор аз миллатро дар дили мардум бедор мекард. Маҳз тавассути навиштаҳои ӯ бисёре аз ҷавонон ба омӯзиши таърих ва фарҳанги тоҷик таваҷҷуҳ пайдо намуданд.

Ҳамчунин, устод дар тарбияи кадрҳои илмӣ ва фарҳангӣ саҳми калон гузоштааст. Ӯ ҳамчун омӯзгор ва роҳнамо ба бисёре аз нависандагон ва донишмандон таъсири амиқ расонидааст. Шогирдони ӯ баъдан ба чеҳраҳои намоёни илму адаби тоҷик табдил ёфтанд, ки ин идомаи мактаби маънавии Айнӣ ба шумор меравад. Ниҳоят, арзиши осори Айнӣ на танҳо дар гузашта, балки дар замони муосир низ бузург аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки фарҳангҳо ба ҳам омехта мешаванд, осори ӯ барои ҳифзи ҳувияти миллӣ ва забони тоҷикӣ аҳамияти хоса дорад. Мероси ӯ ҳамчун сарчашмаи илҳом барои наслҳои имрӯза ва оянда хизмат карда, онҳоро ба роҳи илму дониш, фарҳанг ва ватандӯстӣ роҳнамоӣ менамояд. Садриддин Айнӣ яке аз сутунҳои асосии фарҳанг ва маърифати тоҷикон буда, мероси гаронбаҳои ӯ барои наслҳои имрӯза ва оянда сарчашмаи илҳом ва дониш боқӣ мемонад. Номи ӯ ҳамчун рамзи маърифат, худшиносӣ ва ватандӯстӣ то абад дар таърихи миллат сабт хоҳад монд.

**Аҳророва Амина Ҷамшедовна, танзимгари шуъбаи ғоибонаи факултети педагогика**



ОМӮЗГОРИ ҶАВОН

САРМУҲАРРИР:
КЕНҶАЗОД ФАРИДУН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН
АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО
РАҶАБЗОДА СИРОҶИДДИН
ХОҶАЗОД САИДМУРОД
МАҲКАМОВ МАҲМАДҶОН

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.

Телефон: 224-55-06

Нашрия тахти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.
Мазмун, мундариҷа ва аслияти мақолаҳо ба души муаллифон мебошад.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.